**ВАЗОРАТИ САНОАТ ВА ТЕХНОЛОГИЯҲОИ НАВИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН**

# СТРАТЕГИЯИ
## рушди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030

**Душанбе – с.2024**

**Бо қарори ШО ДТТ тасдиқ карда шудааст.**
**Суратҷаласаи № 2**
**аз «27» сентябри с.2024**

**Раиси ШО ДТТ**

**________ Раҳмонзода З.Ф.**

# СТРАТЕГИЯИ
## рушди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030

Дар Стратегияи рушди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон (минбаъд – ДТТ) барои давраи то соли 2030 рисолату дидгоҳ, таҳлили вазъи Донишгоҳ, самтҳои асосии стратегии рушди он, ҳадафҳо, вазифаҳо ва натиҷаҳои интизоршаванда пешбинӣ гардидаанд. Стратегияи рушди Донишгоҳ бо дарназардошти вазифаҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи миллии рушди маориф барои давраи то соли 2030, Стратегияи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи маориф ва илм дар давраи то соли 2030, Стратегияи миллии рушди моликияти зеҳнии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040, Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, дигар стратегияву барномаҳои давлатӣ ва дар партави Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба нақшаҳои стратегӣ таҳия карда шудааст. Стратегияи рушди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон барои истифода дар фаъолияти кории ҷузъу воҳидҳои сохтории Донишгоҳ ва дигар ҷонибҳои манфиатдор пешбинӣ шудааст.

## МУНДАРИҶА

Саҳ.

**ФАСЛИ 1. МИССИЯ ВА ДУРНАМОИ ДОНИШГОҲ..............................** 7

**ФАСЛИ 2. ТАҲЛИЛИ ҲОЛАТИ ВОҚЕИИ ДОНИШГОҲ ВА ИДОРАКУНИИ ХАВФҲО..................................** 9

2.1. Сатҳи омода намудани мутахассисони соҳаи таҳсилоти олии касбӣ дар Донишгоҳ ва мутобиқати он ба бозори меҳнат.................. 20

2.2. Фарогирии донишҷӯён бо барномаҳои таълимии бисёрзабона (давлатӣ, русӣ, англисӣ ва дигар забонҳои хориҷӣ) ....... 21

2.3. Сатҳи тиҷоратикунонии натиҷаҳои корҳои илмию тадқиқотӣ дар истеҳсолот ................................................. 21

2.4. Заминаи моддию техникӣ, таълимӣ-озмоишӣ ва илмии Донишгоҳ............... 22

2.5. Саҳми илми Донишгоҳ ва ҷомеаи илмии Тоҷикистон дар рушди устувори иқтисодиёти кишвар ..................... 22

2.6. Сатҳи менеҷменти соҳаи илми Донишгоҳ 23

2.7. Идоракунии хавфҳои системавӣ мутобиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 .... 24

**ФАСЛИ 3. САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ РУШДИ ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН ..... 26**

3.1. Самти афзалиятноки «Таъмини омодакунии босифати мутахассисони рақобатпазир» ....... 26

3.2. Самти афзалиятноки «Такмилдиҳии мазмуну моҳияти таҳсилоти олӣ, баъдаздипломӣ ва мутобиқ намудани он ба тамоюлҳои ҷаҳонӣ»................................ 29

3.3. Самти афзалиятноки «Такмилдиҳии менеҷмент ва мониторинги рушди таҳсилоти олӣ ва баъдидипломӣ»............... 30

3.4. Самти афзалиятноки «Рушди инфрасохтори ДТТ» ........................................... 30

**ФАСЛИ 4. САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ РУШДИ ИЛМ ДАР ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН ........ 33**

4.1. Самти афзалиятноки «Афзоиши саҳми илм дар рушди устувори иқтисоди кишвар»..... 33

4.2. Самти афзалиятноки «Такмилдиҳии инфрасохтори илм ва муносибгардонии сохторҳои илмӣ-тадқиқотӣ».................... 33

4.3. Самтҳои афзалиятноки «Тақвият бахшидан ба неруи илмӣ ва мақоми олим»........... 34

4.4. Самти афзалиятноки «Интегратсияи байналмилалӣ ва менеҷмент» ……………. 35

**ФАСЛИ 5. САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ РУШДИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИННОВАТСИОНИИ ТАЪЛИМӢ ВА РАҚАМИКУНОНӢ 36**

5.1. Самти афзалиятноки «Донишгоҳи рақамӣ» …………………………………….. 37

5.2. Самти афзалиятноки «Таҳсилоти дуалӣ».. 40

5.3. Самти афзалиятноки «Ташаккули навгонии малакаи касбии донишҷуён ва хатмкунандагон 43

**ФАСЛИ 6. САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ КОРИ ТАРБИЯВӢ «ТАШАККУЛИ ШАХСИЯТИ БАРҶАСТАИ ГУНОГУНФАРҲАНГ» ........................ 46**

**ХУЛОСА ................................ 49**

**ФАСЛИ 7. САМТҲОИ СТРАТЕГӢ, МАҚСАД ВА НИШОНДИҲАНДАҲОИ МАҚСАДНОК ................................ 51**

# ФАСЛИ 1. МИССИЯ ВА ДУРНАМОИ ДОНИШГОҲ

**Ҳадафи донишгоҳ** – таъмини таҳсилоти босифати дастрас ва тайёр кардани мутахассисони рақобатпазир, эҷодкор, таҳаммулпазир, ки дар навсозии иқтисодиёт, рушди технологӣ ва дар ташаккули неруи зеҳнӣ ва иқтисоди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳм мегузорад, мебошад.

**Дурнамои Донишгоҳ**. Донишгоҳ худро ҳамчун Донишгоҳи инноватсионии ҷавони босуръат рушдёбанда муаррифӣ карда, барои рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳм мегузорад. Донишгоҳ ба фазои ҷаҳонӣ ва аврупоии низоми таҳсилоти олӣ ва тадқиқотҳои илмӣ ворид шуда, анъанаҳои беҳтарини низоми таҳсилоти миллиро нигоҳ дошта, барои баланд бардоштани нақши донишгоҳ ҳамчун яке аз муассисаи таълимии пешқадами низоми таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон саъю кӯшиш менамояд.

Барои ноил шудан ба ҳадафҳо ва мақсадҳо вазифаҳои зеринро бояд амалӣ намуд:

1) Омода намудани мутахассисони дорои салоҳиятҳои ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ буда. Бо ин мақсад дар якҷояги бо корфармоён муайян намудани талаботҳо ба малакаю дониши хатмкунандагон барои ҳамаи барномаҳои таҳсилотии ихтисосҳо;

2) Ба роҳ мондани таҳсилоти дуалӣ дар якҷоягӣ бо корфармоён;

3) Пурзӯр намудани корҳои тарғиботию ташвиқотӣ ва ҷалби бештари хаткунандагони муваффақ барои дохилшавӣ ба ДТТ ва ба зиёда аз 8000 нафар расонидани теъдоди донишҷӯён дар ДТТ;

4) Ба на кам аз 75% ноил гардидани миқдори омӯзгорони дорои дараҷаҳои илмӣ дошта;

5) Табдил додани Донишгоҳ ба маркази калидии гузаронидани корҳои илмӣ – татқиқотӣ дар самти технологияҳои саноати хӯрока ва саноати сабук;

6) То соли 2030 ноил шудан ба на кам аз 50%-и ихтисосҳои донишгоҳ ба шаҳодатномаҳои аккредитатсияҳои байналмилалӣ;

7) Ба “Донишгоҳи рақамӣ” табдил додани ДТТ, ки ин имконият медиҳад идоракунии донишгоҳ дар асоси таҳлили додаҳои калон ва платформаи махсус ба роҳ монда шавад.

8) Такмили инфрасохтор, таъсиси озмоишгоҳҳои тахассусӣ ва марказҳои таълимӣ – илмӣ;

9) Таъсис додани шӯрои диссертатсионии байналмилалӣ барои ихтисосҳои нодир.

**ШИОРИ ДОНИШГОҲ:**

РӮ БА ВОСИТАҲОИ IT ВА ТЕХНОЛОГИЯИ ИННОВАТСИОНӢ – АСОСИ РӮШДИ МОЛИКИЯТИ ЗЕҲНӢ ВА ПЕШРАФТИ НЕРӮИ ИНСОНӢ, ОМИЛИ ОМОДАСОЗИИ КАДРҲОИ БАЛАНДИХТИСОС

# ФАСЛИ 2. ТАҲЛИЛИ ҲОЛАТИ ВОҚЕЪИИ ДОНИШГОҲ ВА ИДОРАКУНИИ ХАВФҲО

Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ҳамқадами даврони Истиқлолият буда, 20 сентябри соли 1990 ҳамчун Коллеҷи олии технологии Тоҷикистон барои бори аввал дар ҷумҳурӣ омода намудани мутахассисон дар соҳаи саноат ташкил карда шудааст. Аз соли 1993 Донишгоҳ ҳамчун муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи технологии Тоҷикистон” фаъолият намуда истода, ҳоло яке аз муассисаҳои калидии омода намудани мутахассисон пеш аз ҳама дар самти саноати ҳурокворӣ ва сабук, дизайни либос, технологияҳои иттилоотӣ, менеҷмент, идора ва корхонаҳои саноатӣ ба ҳисоб меравад.

Дар тӯли фаъолияти худ ДТТ зиёда аз 18 000 мутахассисонро тайёр намудааст, ки ҳоло аксарияти онҳо дар соҳаҳои гугогуни иқтисодёти кишвар кору фаъолият намуда истодаанд.

Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар тӯли фаъолияти худ пайваста ба талаботи иқтисодиёти кишвар таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, вобаста аз талаботи бозори меҳнат, рушди техника ва технология рӯёхати ихтисосҳо ва мазмуну мундариҷаи барномаҳои таҳсилотиро мунтазам нав менамояд. Баъди аттесттасияи навбатии давлатӣ аз тарафи Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Донишгоҳ соҳиби Ичатнома ва ихтисосҳои нав гардида, танҳо барои соли таҳсили 2025 – 2026 омодасозии мутахассисонро аз рӯи 17 ихтисосҳои нав, пеш аз ҳама дар соҳаи рушди саноат аз қабили технологияҳои консервакунонӣ, технологияҳои истеҳсоли маҳсулоти нонӣ, макаронӣ, қаннодӣ, технологияҳои равғани растанӣ, истифодабарии дастгоҳҳои парвозкунандаи беҳавонавард, дастгоҳҳои зеҳнӣ, мошинҳо ва истеҳсолот, роботҳои саноатӣ ва комплексҳои робототехникӣ ва ғайраро ба нақша гирифт.

Ҳоло дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон тайёр кардани кадрҳои дорои маълумоти олӣ ва баъдидипломӣ дар 8 факултет ва шӯъбаи магистратура аз рӯи:

- 57 ихтисоси бакалаврӣ;
- 36 ихтисоси магистратура;
- 8 самти докторантураи PhD ба роҳ монда шудааст.

ДТТ яке аз аввалин муассисаи таълимии ҷумҳурӣ мебошад, ки муқаррароти асосии ҷараёни Болонияро тадриҷан амалӣ мегардонад. Дар оғози соли таҳсили 2005-2006 раванди таълим аз рӯи низоми кредитии таълим ба роҳ монда шуда, аз рӯи нишондиҳандаҳои ҳатмӣ ва тавсиявии эъломияи Болония натиҷаҳои амалӣ ба даст оварда шудаанд, аз ҷумла:

- низоми се зинагии таҳсилоти олӣ;
- муттаҳаррикии академии донишҷӯён ва омӯзгорон;
- назорати сифати таҳсилоти олӣ;
- ширкати фаъолонаи донишҷӯён дар таҳия ва такомули барномаҳои таҳсилотӣ, ташкили раванди таълим ва корҳои ҷамъиятӣ;
- таҳсил дар тӯли ҳаёт, фосилавӣ ва омӯзиши электронӣ.

Аз соли 2020 инҷониб Донишгоҳ барномаҳои таҳсилотиро бо назардошти таъмини принсипи салоҳиятнокии касбӣ ҷорӣ намуда, мазмуну мундариҷаи нақшаҳои таълимиро аз нуқтаи назари ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ будан, мувофиқати назария ва амалия, интихоби фанҳо бо назардошти талаботи рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳадафҳои стратегии кишвар мукаммал намуда истодааст.

Фаъолияти таълимӣ-методӣ, илмӣ-инноватсионӣ ва тарбиявии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар асоси стандартҳои байналмилалии таҳсилот мутобиқи Конвенсияи Болония ба роҳ монда шуда, дар ҷумҳурӣ ва берун аз он эътирофи васеъ пайдо кардааст.

Моҳи декабри соли 2013 Донишгоҳи технологии Тоҷикистон аз ҷониби Агентии «Интерфакс «ягона Донишгоҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар байни 200 Донишгоҳҳои беҳтарини кишварҳои ИДМ эътироф гардида, мавқеи 151-умро ишғол намуд.

Дар рейтинги Миллии Донишгоҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз рӯи натиҷаҳои рейтинги Донишгоҳҳои бисёрсоҳавӣ ДТТ ҷойи намоёнро ишғол намудааст, аз он ҷумла, дар соли 2018 ҷойи 11-ум, дар соли 2022 ҷойи 8 -ум ва дар соли 2023 ҷойи 6-умро ишғол намудааст, ки ин пешрафти рейтинги пайвастаи ДТТ-ро нисбати рейтинги байни мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсиф мекунад. Ҳамзамон, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар рейтинги байналмилалӣ ширкат варзида, ба чоргонаи донишгоҳҳои бонуфузи Авру Осиё шомил шуд ва бо ҷоизаи

бонуфузи “Ситораи сифат” -и рейтинги байналмилалии муассисаҳои таҳсилоти олӣ “Рейтинги донишгоҳҳои Авру Осиёи IAAR (IAAR-EUR) – 2022” сарфароз гардидааст.

Донишгоҳ аз соли 2022 инҷониб аъзои Ассотсиатсияи донишгоҳҳои техникӣ буда, дар доираи лоиҳаи “Афзалият-2030” (Федератсияи Россия) корҳои таълимӣ, илмӣ-инноватсиониро амалӣ мегардонад.

Ба қарори Шурои аккредитатсионии Агентии мустақили рейтинг ва аккредитатсияи Ҷумҳурии Қазоқистон аз 28.02.с.2020, №49 ду барномаи таълимии Донишгоҳ бо муҳлати 5 сол, як барномаи таълимӣ ба муҳлати 3 сол ва дар соли 2023 тавассути дастгирии лоиҳаи GIZ 2 барномаи таълимии ихтисосҳои самти хӯрока ба муҳлати 5 сол соҳиби Шаҳодатномаи байналмилалии аккредитатсияи барномавӣ гардиданд.

Ҳамкориҳои байналмилалии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон яке аз самтҳои муҳими рушд ба ҳисоб рафта, барои ворид шудан ба фазои байналмилалии таҳсилот замина мегузорад. Вобаста ба ин, фаъолият дар ин самт имконияту фурсатҳои нави ҳамкориҳои байналмилалӣ дар Стратегияи рушди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон мавқеи намоён дошта, дар дурнамо таваҷҷуҳи махсус ба амалисозии барномаҳои муштараки таълимӣ, корҳои илмию тадқиқотӣ, тавсияи низоми мубодилаи академӣ ва гузаштан аз аккредитатсияи байналмилалӣ зоҳир карда мешавад.

Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар самти робитаҳои байналмилалӣ таҷрибаи бой ва сазовори таваҷҷуҳ дошта, айни замон дар доираи ҳамкориҳои байналмилалӣ зиёда аз 100 созишнома бо Донишгоҳҳо, марказу пажӯҳишгоҳҳои илмӣ ва дигар ташкилотҳои илмии кишварҳои Аврупо, Осиёи Шарқӣ, Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, Корея, Чин, кишварҳои ИДМ ба имзо расонидааст. Ҷуғрофияи мубодилаи академии омӯзгорон ва донишҷӯён васеъ буда, ҷумҳуриҳои Италия, Испания, Португалия, Лаҳистон, Ҳиндустон, Чин, Корея, Федератсияи Русия, Олмон, Ҷумҳурии Беларус, Қазоқистон ва дигарро дар бар мегирад.

Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар заминаи ҳамкориҳои тӯлонӣ бо сафоратхонаҳои давлатҳои ИМА, Олмон, Русия, Чин, Корея, Ҷопон, Ҳиндустон, Индонезия ва ташкилоту барномаҳои байналмилалии сершумор, аз ҷумла, “Россотрудничество”, GIZ,

ACTED, UNESCO, KOICA, ITC, “ERASMUS+”, Fulbright, GTEX ҳамкориҳои судмандро ба роҳ монда, роҳандозии лоиҳаҳо ва дар ин замина чорабиниҳои муосири таълимӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ, табодули академии донишҷӯён ва бозомӯзии омӯзгоронро баргузор намудааст.

Бо ташаккул ёфтани эътибори байналмилалӣ ва васеъ шудани доираи созишномаҳои дутарафаи ҳамкории Донишгоҳ дар чорабиниҳои илмии сатҳи гуногун олимону коршиносони хориҷӣ ташриф оварда, ғайр аз ин чорабиниҳои муштараки илмӣ, аз ҷумла онлайн-семинар ва онлайн-конференсияҳо баргузор карда мешаванд.

Қобили қайд аст, ки дар доираи робитаҳои байналмилалӣ тайи солҳои 2019-2024 ба Донишгоҳ зиёда аз 25 профессорони хориҷӣ аз кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон, аз он ҷумла, Олмон, Корея, Чин, Испания, Италия, Чехия, Славакия, Словения, Федератсияи Русия, Белоруссия ва Украина, барои хондани курсҳои махсус даъват шудаанд.

Тӯли солҳои 2019-2024 дар умум 32 нафар устодони Донишгоҳ ҷиҳати баланд бардоштани сифати таҳсилот, таҷрибаи Донишгоҳҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ ва дигар ташкилотҳои хориҷӣ аз такмили ихтисос гузаштанд. Сафарҳои хизматии омӯзгорон ва кормандони Донишгоҳ ба хориҷӣ кишвар сол то сол афзуда, тайи солҳои 2018-2024 зиёда аз 120 нафар ба сафари хизматӣ ба давлатҳои Словения, Италия Испания, Португалия, Туркия, Қазоқистон, Россия Лаҳистон, Узбекистон, ИМА, Ҷумҳурии мардумии Чин ва ғайра сафарбар карда шуданд.

Нишондиҳандаҳои сифати тайёр кардани мутахассисон дар ДТТ, талабот ба онҳо дар бозори меҳнат, дастовардҳои касбӣ ва сатҳи баланди рақобатпазирӣ мебошад, ки шуғли бо кор таъмин шудани хатмкунандагон дар соли 2024 ба 82,4% расидааст.

Омодагии хатмкунандагон ба фаъолияти касбӣ дар муҳити рақобат, маҳорати эҷодии онҳо, масъулияти иҷтимоӣ, қобилияти таҳсили бефосила ва руҷӯъмандӣ ба такмили ихтисос мунтазам дар ҳамкорӣ бо кордиҳандагони имконпазир ва дигар шахсони манфиатдор, ки ба сифати тайёр кардани мутахассисон саҳмгузоранд, мавриди пурсиш ва таҳлил қарор дода шудааст.

Дар ДТТ аз соли 2010 Ассотсиатсияи хатмкардагон фаъолият

менамояд.

Татбиқи маҷмӯи чорабиниҳо оид ба тарбияи ҷавонони дорои принсипҳои баланди шаҳрвандӣ ва ахлоқӣ, ҳисси ватандӯстӣ ва масъулияти иҷтимоӣ яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи коллективи ДТТ мебошад. Барои амалӣ намудани ин вазифаҳо ташкилоти худидоракунии донишҷӯён, клуби экологӣ ва хайрияи «Эко+», созмонҳои ҷавонон таъсис дода шуда, зиёда аз 450 чорабиниҳои ватандӯстӣ (таи солҳои 2019-2023) гузаронида шуданд. Дар Донишгоҳ барои рушди эҷодии донишҷӯён ва баргузории чорабиниҳои варзишӣ тамоми шароити зарурӣ фароҳам оварда шудааст. Ҳиссаи донишҷӯёне, ки дар корҳои ҷамъиятӣ, кори маҳфилҳои илмӣ маърифатӣ, секцияҳо ва ғайра фаъолона иштирок мекунанд, зиёда аз 45,0%-и теъдоди умумиро ташкил менамояд.

Дар ДТТ аз имкониятҳои технологияҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ фаъолона истифода бурда, коллективи омӯзгорон ва донишҷӯён барои дастгирии раванди таълим ҳамчун маҳсулоти эҷодӣ барномаҳои иттилоотии худро эҷод мекунанд, вебсайтҳои хусусӣ ва вебсайтҳои факултетҳо, китобҳои электронӣ, курсҳои видеолексияҳо, аниматсияҳои таҷҳизоти технологӣ, филмҳои ҳуҷҷатӣ ва иттилоотиро таҳия менамоянд.

Фаъолияти илмӣ таҳти роҳбарии Идораи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, сохторҳои илмии факултетҳо ва кафедраҳо бо иштироки бевоситаи ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳ ташкил карда шудааст. Дар 4 соли охир ҳаҷми умумии маблағгузорӣ аз грантҳои хориҷӣ барои лоиҳаҳои илмӣ беш аз 2269,1 ҳазор сомониро ташкил дод. Мутаносибан, ДТТ инчунин лоиҳаҳои илмиеро, ки аз ҳисоби буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ карда мешаванд, амалӣ менамояд, ки ҳаҷми маблағгузории онҳо дар ҳамин давра 653,2 ҳазор сомониро ташкил додааст. Дар Донишгоҳ 4 лоиҳаи илмӣ, ки онҳо аз буҷети давлатӣ маблағгузорӣ карда мешаванд амалӣ гашта истодааст ва як адад аз соли 2025 амалашро оғоз менамояд.

Дар Донишгоҳ як қатор мактабҳои илмӣ ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ машғуланд, ки дар солҳои 2019-2024 соҳиби 24 патенти байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ гардидаанд. Барои дастовардҳои илмию таълимӣ 5 нафар олимони ҷавони ДТТ сазовори Ҷоизаи давлатии ба номи И. Сомонӣ барои олимони

ҷавон дар соҳаи илм ва техника, 2 нафар сазовори Ҷоизаи давлатии ба номи А. Сино, 2 нафар сазовори Ҷоизаи давлатии ба номи С.Умаров, 2 нафар бо Ҷоизаи давлатӣ барои олимон ва омӯзгорони фанҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ сарфароз гардиданд. Ғайр аз ин, 2 нафар соҳиби медали тиллои ВОИС, як нафар медали тиллои ба номи Блиников В.И. ва як нафар бо медали WIPO - 2019, ду нафар бо медалҳои нуқра ва биринҷии «KIWIE- 2016», «KIWIE-2019» дар Кореяи Ҷанубӣ сарфароз гардиданд. Олимони ҷавони ДТТ дар озмуни умумиҷумҳуриявии "Илм – фурӯғи маърифат" чойҳои намоёнро ишғол намудаанд.

ДТТ мутобиқи самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ корҳои илмӣ-тадқиқотиеро амалӣ менамояд, ки онҳо дар барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф ва илм, инчунин рушд ва фаъолияти соҳаҳои саноат, рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра инъикос ёфтаанд. Дар Донишгоҳ корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ амалӣ карда мешавад, ки дар онҳо афзалиятҳои давлатӣ ва соҳавӣ, инчунин самтҳои махсуси илмие, ки дар асоси стратегияҳо, консепсияҳо ва барномаҳои давлатии рушди иқтисодиёт ташаккул меёбанд, инъикос карда шудаанд, аз ҷумла:

- Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030;
- Стратегияи миллии рушди маориф барои давраи то соли 2030;
- Стратегияи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи маориф ва илм дар давраи то соли 2030;
- Стратегияи миллии рушди моликияти зеҳнии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030;
- Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030;
- Стратегияи миллии рушди истеҳсолу коркарди пахта ва саноати нассоҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2040;
- Стратегия оид ба ғизо ва фаъолияти ҷисмонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2024;
- Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030;
- Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025;

- Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040;
- Консепсияи миллии тадқиқотҳои мақсадноки илмӣ оид ба рушди инсон, таъмини принсипҳои демократӣ ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ барои солҳои 2013-2028;
- Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 ва эълон шудани солҳои 2022-2026 «Солҳои рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»;
- Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030;
- Барномаи давлатии мақсадноки рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ барои солҳои 2021-2025;
- Барномаи таъмини муассисаҳои таълимӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2021-2025;
- Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2021-2025;
- Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025;
- Консепсияи гузариш ба таҳсилоти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2042;
- “Дар бораи Стратегияи рушди иқтисоди сабз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037”;
- Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030.

**Натиҷаҳои пешбинишуда дар стратегияи ДТТ:**

- зиёд шудани ҳиссаи ҳайати омӯзгорон ва донишҷӯёне, ки дар иҷро намудани тадқиқотҳои фундаменталию амалии илмӣ иштирок мекунанд;

- афзоиши шумораи лоиҳаҳо ва барномаҳои илмие, ки аз ҳисоби буҷети давлат маблағгузорӣ карда мешаванд;

- афзоиши ҳиссаи лоиҳаҳои илмӣ, ки дар доираи ҳамкориҳои байналмилалӣ амалӣ мегарданд;

- зиёд кардани ҳиссаи татбиқи натиҷаҳои лоиҳаҳои тадқиқоти илмӣ ва тиҷоратикунонии тадқиқоти илмӣ-амалӣ;

- афзоиши шумораи шаҳодатномаҳои муаллифӣ, патентҳо ва нашрияҳои илмӣ дар нашрияҳои байналмилалӣ бо импакт-факторҳои ба базаҳои байналмилалии илмиметрӣ (международные наукометрические базы) дохил карда шуда;

- афзоиши даромад аз татбиқи натиҷаҳои илмӣ - тадқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ;

- зиёд намудани ҳиссаи ҳайати донишҷӯён ва омӯзгорон барои гузаштан аз бозомӯзӣ дар корхонаҳои саноатии давлатҳое, ки дар онҳо таҷҳизот истеҳсол ва технологияҳои нав тарҳрезӣ мешаванд;

- таъмин намудани корхонаҳои саноатии мамлакат бо кадрҳои баландихтисоси дар хориҷи кишвар аз бозомӯзии касбӣ гузашта;

- аз акредитатсияи байналмилалии махсуси барномавӣ ва институтсионалӣ гузаронидани Донишгоҳи технологии Тоҷикистон.

ДТТ ҷиҳати такомули фарҳанги техникӣ тавассути таъмини механизми татбиқи дониши назариявӣ дар амал, бештар рӯ овардан ба такмили маҳорати омӯзиши мустақилона, бедор намудани шавқу завқи худомӯзию худташаккулдиҳӣ, таъмини ҳамкории судманди Донишгоҳ бо истеҳсолот, ки дар маҷмӯъ, ба рушди мутахассиси комил нигаронида шудаанд фаъолияти худро пешбурд намуда истодааст. Донишҷӯён дар корҳои илмию тадқиқотии кафедраҳо, дар кори конфронсҳо, семинарҳо, мизҳои мудаввар, озмунҳо ва ғайра, бевосита иштирок менамоянд. Дар Донишгоҳ маҳфилҳои илмии донишҷӯён амал мекунанд. Кормандон ва ҳайати омӯзгорони Донишгоҳ ба донишҷӯён дар таҳияи лоиҳаҳои илмӣ-инноватсионӣ, мақолаҳои илмӣ, нашри маҷаллаҳои илмӣ, инчунин маҷмӯаҳои маърӯзаҳо, маводҳои конфронсҳо ва ғайра, мусоидат мекунанд.

Ҷиҳати ба таҳқиқоти илмӣ ҷалб намудани донишҷӯён низоми ҳавасмандкунӣ амал мекунад. Донишҷӯёне, ки дар чорабиниҳои илмӣ-тадқиқотии дохилидонишгоҳӣ, конфренсияҳо, мизҳои мудаввар ва ғайра фаъолона иштирок менамоянд бо сипосномаҳо, тухфаҳои қиматбаҳо сарфароз гардонида мешаванд. Донишҷӯён, магистрантон ва докторантони PhD, ки

дар озмун ва олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ғолиб мегарданд бо мукофотҳои пулӣ, туҳфаҳои қимматбаҳо ва сипоснома мукофотонида мешаванд. Донишҷӯёне, ки таҳсилашон пулакӣ аст, дар ҳолати ғолиб гаштанашон вобаста аз ҷои ишғолнамудаашон маблағи солонаи таҳсилашон аз 100 то 50 фоиз кам карда мешавад. Донишҷӯён ва магистрони беҳтарин, ки ба натиҷаҳои илмӣ муваффақ шудаанд, барои гирифтани идрорпулиҳои номӣ пешбарӣ карда мешаванд, барои таҳсил ва шуғли минбаъда соҳиби тавсифномаи хуб мегарданд.

ДТТ тамоми шароитҳои заруриро фароҳам оварда, барои санҷиш ва пешниҳоди дастовардҳои илмии ҳайати омӯзгорону донишҷӯён дар фазои илмии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ мусоидат менамояд. Механизмҳо ва намудҳои мусоидат дар муаррифии мавқеъҳои илмии ҳайати омӯзгорон ва донишҷӯёни Донишгоҳ дар фазои илмӣ - ин таъмини иттилоотии чорабиниҳои илмии ба нақша гирифташуда мебошад, ки қисматҳои зеринро дар бар мегирад:

- ташкили чорабиниҳои илмӣ;
- маблағгузории (вобаста ба имкониятҳои молиявии Донишгоҳ) иштироки омӯзгорон ва донишҷӯён дар кори конфронсҳои илмӣ, мизҳои мудаввар, озмунҳо ва ғайра дар ҷумҳурӣ ва хориҷи кишвар;
- пурра ё қисман пӯшонидани хароҷоти нашри монографияҳо, дастурҳо ва мақолаҳо дар маҷаллаҳои ватанӣ ва хориҷӣ;
- вобаста ба имкониятҳои молиявии Донишгоҳ ҷудо намудани маблағ барои чопи мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои байналмилалӣ (SCOPUS ва ғайра);
- мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он” (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с.1998, №23-24, мод.348; с.2003, №8, мод. 450, 2006, №3 мод. 153 с.2009) ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи андозаҳои ҳадди ақали ҳаққи қалами муаллиф барои нашри асарҳои илм, адабиёт, санъат ва иҷрои фармоишҳо барои офаридани асарҳои драммавӣ, мусиқӣ, мусиқӣ-драммавӣ ва адабӣ барои иҷрои оммавӣ ё барои ҳуқуқи иҷрои нахустини оммавии асарҳои интишорнаёфта аз 1 августи соли 2006, №356 ба профессорон ва дотсентон пардохт намудани ҳаққи муаллифӣ барои таҳия ва чопи китобҳои дарсие, ки бо

қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп тавсия шудаанд;

- фиристодан ва паҳн кардани мақолаҳои илмӣ дар шакли маҳсулоти чопӣ ва электронӣ, инчунин ҷойгиркунии онҳо дар вебсайтҳои захираҳои илмии интернетӣ.

Ҳар сол дар заминаи Донишгоҳ конфронсҳои илмӣ, мизҳои мудаввар, озмунҳо баргузор гардида, дар онҳо натиҷаи фаъолияти илмӣ- тадқиқотии ҳайати омӯзгорон, докторантони PhD, унвонҷӯён, магистрантон ва донишҷӯён муаррифӣ карда мешавад. Дар давраи солҳои 2019-2024 дар ДТТ 6 конференсияи байналмилалӣ ва 9 конфронси ҷумҳуриявӣ ташкил ва гузаронда шуд, ки натиҷаи онҳо ҳамчун маҷмуаҳои маводҳо чоп карда шуданд.

Раёсати Донишгоҳ бо мақсади таъмини ширкат дар конфронсҳои илмӣ-амалӣ, озмунҳо, олимпиадаҳо, намоишгоҳҳо ва ғайра барои сафарҳои хизматӣ ба ҳайати омӯзгорон ва донишҷӯён маблағ ҷудо мекунад. Олимони Донишгоҳ дар кори конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмию амалӣ, ки дар заминаи Донишгоҳу донишкадаҳои олӣ ва муассисаҳои илмии Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Федератсияи Россия ва дигар кишварҳо баргузор мешаванд, фаъолона иштирок мекунанд. Донишгоҳ маҷаллаи илмии «Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон»-ро нашр мекунад, ки аз ҷониби ҷомеаи илмии ҷумҳурӣ эътироф гардида, ба рӯйхати маҷаллаҳои аз ҷониби РИНЦ ва КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда барои нашри натиҷаи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ шомил карда шудааст. Дар маҷаллаи «Паёми ДТТ» натиҷаи таҳқиқоти илмии ҳайати профессорону омӯзгорон, докторантони PhD ва унвонҷӯёни Донишгоҳ ва дигар Донишгоҳҳо ва муассисаҳои илмии ҷумҳурӣ ва хориҷи кишвар ба табъ расонида мешаванд, ки як қисми хароҷоти нашри онро Донишгоҳ ба уҳда дорад.

Дар натиҷаи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва мусоидат намудан ба нашри онҳо дар солҳои 2019-2024 зиёда аз 1760 мақолаи илмии ҳайати омӯзгорон, аз ҷумла зиёда 350 мақола дар нашрияҳои аз ҷониби КОА ҶТ ва ФР тавсияшуда ба табъ расидааст.

Дар маҷмӯъ, солҳои 2019-2024 зиёда аз 280 нафар донишҷӯён дар конфронсҳои илмӣ, олимпиадаҳои фаннӣ, озмунҳо,

намоишгоҳҳо ва ғайра иштирок намуданд.

Ҷиҳати баланд бардоштани сифати самаранокии ҷараёни корҳои илмӣ-тадқиқотӣ Маркази тиҷоратикунонии натиҷаи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ таъсис дода мешавад. Инчунин дар назди парки технологии Донишгоҳ барои рушди илмҳои техникию технологӣ ва дар амал татбиқ намудани ҳуҷҷатҳои ҳифозатӣ устохонаи таъмири механикӣ бо таҷҳизотҳои муосири бурандагии лазерӣ, кафшеркунӣ ва ғайра таъсис дода мешавад.

Фаъолияти илмию таълимӣ аз ҷониби ҳайати омӯзгорони баландихтисос, ки зиёда аз 60,0% онҳоро докторони илм, номзадҳои илм, профессорон ва дотсентон ташкил медиҳанд, амалӣ карда мешавад. Аз ҷумла дар соли 2024 аз ҷониби ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳ 13 нафар омӯзгорон рисолаҳои илмии худро ҳимоя карданд (3 докторӣ ва 10 номзадӣ).

Аз соли 2018 дар назди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-050 аз рӯи самтҳои афзалиятноки соҳаи саноати кишвар – саноати сабук ва хӯрока фаъолият менамояд, ки дар ин муддат зиёда аз 30 нафар олимон рисолаҳои номзадӣ ва докториашонро ҳимоя карданд.

Барои ҳавасмандгардонии омузгорон бо қарори Шӯрои олимони Донишгоҳ аз 31.05.с.2024 мукофотпулӣ барои ҳимояи рисолаи доктори илм дар ҳаҷми 10000 сомонӣ ва барои ҳимояи рисолаи номзади илм ва доктори фалсафа (PhD), доктор аз руи ихтисос 5000 сомонӣ муқаррар гардидааст.

Дар доираи ҳамкориҳо бо ташкилоти куриёгии WTIT Маркази муштараки технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионии Тоҷикистону Корея дар ДТТ таъсис дода шудааст. Ҳамзамон бо донишкадаи илмӣ-тадқиқотии пардоздиҳии матоҳои кореяи Ҷанубӣ шартнома оид ба таъсис додани Маркази илмӣ-тадқиқотӣ ва пардоздиҳии ашё ва маснуоти нассоҷӣ баста шудааст, ки тибқи нақша дар солҳои 2025–2028 амалӣ гардонида мешавад.

ДТТ принсипи ошкорбаёнии иттилоотии Донишгоҳро амалӣ намуда, дар фазои иттилоотии ҷумҳурӣ ва сомонаҳои иҷтимоӣ васеъ муаррифи карда шудааст. Принсипи алоқаи дутарафа роҳандозӣ гардида, тадқиқотҳои сотсиологӣ ва мониторинги вазъи иҷтимоии донишҷӯён ва омӯзгорон гузаронида мешавад.

Китобхонаи илмии ДТТ дорои беш аз 175000 нусха адабиёти таълимӣ, таълимию методӣ ва илмию техникӣ, инчунин пойгоҳи иттилоотии электронӣ бо зиёда аз 490 ҳазор манбаъҳои дорои хусусияти таълимӣ ва илмию техникӣ мебошад. Китобхона бо толори хониши замонавӣ барои 200 ҷойи нишаст, толори китобхонаи электронӣ барои 50 ҷойи нишаст ташкил карда шудааст, фонди адабиёти электронии илмӣ зиёда аз 45 ҳазор нусхаро ташкил медиҳад.

Инфрасохтор ва заминаи моддию техникии Донишгоҳ аз 9 бинои таълимӣ, як бинои литсейи инноватсионӣ барои 2 ҳазор хонандаи синфҳои 1-11, 1 хобгоҳи донишҷӯён барои 300 кат, 1 толори варзишии стандартӣ, 3 майдончаи варзишии берунӣ иборат мебошад.

Базаи компютерӣ ва таҷҳизоти интерактивии Донишгоҳ дар ҳолати рушд буда, зиёда аз 1000 компютер ба шабакаи локалии синфҳои компютерӣ пайвастшуда, инчунин тахтаҳои интерактивӣ, видеопроекторҳо, принтерҳо ва дигар таҷҳизоти компютерӣ, ки мунтазам пурра карда мешаванд, доро мебошад, дар ҳамаи биноҳои таълимии Донишгоҳ дастрасии ройгони Wi-Fi таъмин карда шудааст.

Таҳлили вазъи кунунии ДТТ бо дарназардошти Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 барои муайян намудани мушкилоти системавии рушди Донишгоҳ мусоидат намуд, ки барои бартараф намудани онҳо гузаронидани чораҳои зерини дастаҷамъиро тақозо мекунад.

## 2.1. Сатҳи омода намудани мутахассисони соҳаи таҳсилоти олии касбӣ дар Донишгоҳ ва мутобиқати он ба бозори меҳнат

Барномаҳои таълимӣ ба донишҷӯён ҳамаи салоҳиятҳое, ки бозори меҳнат талаб мекунанд, бо пуррагӣ таъмин намекунад, ки ин то андозае аз набудани стандартҳои касбии ихтисосҳои соҳа вобаста мебошад. Аз сабаби мавҷуд набудани механизмҳои меъёрию ҳуқуқии танзими ҳамкории низоми маориф бо бозори меҳнат, таваҷҷуҳи корфармоён ба омодасозии мутахассисон, ташкили таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ бо имконияти минбаъд бо ҷои корӣ таъмин намудани онҳо, коҳиш ёфтааст.

ДТТ пайваста, муносибатҳои ҷалби корфармоёнро барои мукаммал намудани мундариҷаи барномаҳои таълимӣ, таҳияи барномаҳои иловагии таълимӣ, васеъ намудани заминаи таҷрибаомӯзии касбӣ ва бастани шартномаҳо бо корхонаю муассисаҳои бонуфуз бо мақсади шуғли минбаъда роҳандозии унсурҳои таълими дуалиро таъмин менамояд. Барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти Ҷумҳурии Тоҷикистон чораандешӣ ҷиҳати кушодани ихтисосҳои барои рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии кишвар зарур дар зинаи бакалавриат, магистратура ва докторантураи PhD идома доранд.

Дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон барои таҳсил ва зиндагии донишҷӯёни хориҷи кишвар шароити зарурӣ фароҳам оварда шудааст, ки дар натиҷа шумораи донишҷӯёни хориҷӣ сол то сол меафзояд.

## 2.2. Фарогирии донишҷӯён бо барномаҳои таълимии бисёрзабона (давлатӣ, русӣ, англисӣ ва дигар забонҳои хориҷӣ)

Аз соли 2014 инҷониб танҳо барои як гурӯҳи академии донишҷӯёни курсҳои 1 - 4-уми ихтисоси 1-25010301- “Идораи фаъолияти иқтисодиёти беруна” таълим пурра ба забони англисӣ роҳандозӣ мегардаду халос. Аз устодони доимии Донишгоҳ бошад, қариб 15,0% забонҳои хориҷиро азхуд намуда, қодиранд фанҳоро бо се забон таълим диҳанд. Зиёда аз 25 нафар омӯзгорон тайи солҳои 2019-2024 дар курсҳои сертификатсионии назди ДТТ забонҳои хориҷиро омӯхта, соҳиби шаҳодатномаҳои дахлдор гардиданд. Як қатор кормандони ДТТ курсҳои забонҳои хориҷиро дар кишварҳои Чин, Олмон, Кореяи Ҷанубӣ хатм намуданд ва бозомӯзии ҳайати профессорону омӯзгоронро дар кишварҳои хориҷӣ дар оянда пешбинӣ гардидааст.

## 2.3. Сатҳи тиҷоратикунонии натиҷаҳои корҳои илмию тадқиқотӣ дар истеҳсолот

Дар ин самт зарурати ташкил намудани Маркази тиҷоратикунонии тадқиқоти илмию амалӣ ба миён омадааст.

Маълумот дар бораи фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ ва зиёдшавии дастовардҳои илмию педагогии кормандон дар вебсайти ДТТ мунтазам инъикос карда мешаванд. Дар баробари ин алоқа ва ҳамкориҳои кафедраҳо ва факултетҳои ДТТ -ро бо истеҳсолот рушд додан лозим аст. Таҷрибаи дар якҷоягӣ ба амал баровардани тадқиқотҳои илмию амалиро бо намояндагони истеҳсолот ҷорӣ кардан лозим аст.

## 2.4. Заминаи моддию техникӣ, таълимӣ-озмоишӣ ва илмии Донишгоҳ

Сарчашмаи асосии маблағгузории давлатӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ин маблағҳои аз буҷети давлатӣ ҷудо карда шуда мебошад, ки зиёда аз 90 фоизи он ба хароҷотҳои ҷории вобаста ба раванди таълим равона мешавад. Бинобар ин, барои хароҷоти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки бо инкишоф додан ва мустаҳкам намудани базаи моддию техникӣ, таълимӣ - озмоишӣ ва илмӣ алоқамананданд, маблағ нокифоя чудо карда мешавад. Маблағгузорӣ аз фондҳои ғайрибуҷетӣ низ барои ин мақсадҳо кам аст.

Манбаи асосии маблағгузории ДТТ маблағҳое мебошанд, ки дар асоси шартномаҳои хусусӣ бо донишҷӯён ҷамъоварӣ карда мешаванд (беш аз 65,0% маблағҳои воридшуда аз маблағгузории умумӣ). Хароҷотҳои Донишгоҳ вобаста ба рушд ва таҳкими базаи моддию техникӣ айни замон аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ карда намешавад. Таъмири ҷорӣ ва асосии биноҳои таълимӣ ва хобгоҳҳо, харидани оргтехника, таҷҳизот, инвентарҳо аз ҳисоби маблағҳои махсуси молиявии донишгоҳ сурат мегирад. Сохтмони бинои нави таълимӣ ва васеъ кардани хобгоҳ ба нақша гирифта шудааст, ҳоло тартиб додан ва асоснок кардани ҳуҷҷатҳои лоиҳавию сметавӣ давом дорад.

## 2.5. Саҳми илми Донишгоҳ ва ҷомеаи илмии Тоҷикистон дар рушди устувори иқтисодиёти кишвар

Дар кишвар шарикии давлатию бахши хусусӣ дар соҳаи фаъолияти илмӣ, илмӣ-техникӣ ва инноватсионӣ суст инкишоф ёфтааст. Дар соҳаи шарикӣ дар самтҳои дар боло зикргардидаи

фаъолият, умуман механизмҳои меъёрию ҳуқуқии танзими давлатӣ вуҷуд надоранд. Аз ин лиҳоз, натиҷаҳои фаъолияти илмию техникӣ аз тарафи соҳибкорӣ талабнашуда мемонанд ва корхонаҳо дар равандҳои истеҳсолот истифода намебаранд.

Олимони Донишгоҳ дар тендерҳо оид ба расонидани хизматҳои илмӣ - тадқиқотӣ фаъолона иштирок мекунанд. Коллективи ДТТ як қатор лоиҳаҳоро барои ташкили тадқиқоти илмие, ки аз ҳисоби грантҳои давлатӣ ва хориҷӣ, инчунин аз ҳисоби субъектҳои хоҷагидории ҷумҳурӣ маблағгузорӣ карда мешаванд, омода кардааст.

Илова ба саволҳои дар боло зикршуда, ДТТ ба масъалаҳои зерин диққат медиҳад:

- нарасидани кадрҳои баландихтисос барои барномаҳои алоҳидаи таълимӣ, инчунин соҳаҳои маориф ва илм;
- мукаммал набудани барномаи таҳсилоти баъдидипломӣ, махсусан барои магистратура ва докторантураи PhD;
- сатҳи нокифояи тиҷоратикунонии натиҷаҳои илмию тадқиқотӣ ва робитаи байни истеҳсолот ва илми донишгоҳ;
- нокифоя будани музди меҳнати ҳайати омӯзгорон;
- дохишавии довталабон ва ба кор рафтани ҳайати профессорону омӯзгорон ба Донишгоҳҳои маркази ИДМ ва хориҷи кишвар.

## 2.6. Сатҳи менеҷменти соҳаи илми Донишгоҳ

Дар номгӯи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ гуногунсамтӣ мушоҳида карда мешавад. Зарур аст, ки сохторҳои илмӣ-тадқиқотии дорои характери соҳавӣ дошта, ташкил карда шаванд, ки дар онҳо корҳои мутамарказшудаи илмӣ-тадқиқотӣ бо иштироки мутахассисон аз истеҳсолот гузаронда шаванд.

## 2.7. Идоракунии хавфҳои системавӣ мутобиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030

| **Номгӯӣ хавфҳое, ки барои ноил шудан ба ҳадаф таъсир расонида метавонанд** | **Тадбирҳои идоракунии хавфҳо** |
|---|---|
| Норасоии ҷойи кор ва надоштани таҷриба аз тарафи хатмкунандагони Донишгоҳ дар мавриди ба кор шуруъ намудан | Ба тартиб даровардани сохтори фармоиши давлатии тайёр кардани кадрҳо аз ҳисоби буҷети давлатӣ бо назардошти талаботи воқеии бахшҳои иқтисодиёт ва интизориҳои пешгӯии бозори меҳнат. Такмил додани мазмуни барномаҳои таълимӣ бо иштироки корфармоён, инчунин мустаҳкам намудан ва вусъат додани робита бо корфармоён оид ба таҷрибаомӯзии касбӣ ва бо ҷои кор таъмин намудани хатмкунандагон |
| Муҳоҷирати таҳсилотӣ, рафтани ҷавонон ба Донишгоҳҳои хориҷи кишвар | Такмили шаклу усулҳои роҳнамоии касбӣ бурдан, ташкили низоми нави ҳавасмандгардонии моддии донишҷӯёни дар асоси шартномаҳои тиҷоратӣ таҳсилкунанда, васеъ намудани доираи хизматрасониҳои таълимӣ (таҳсилоти иловагӣ, таҳсилоти дудипломӣ, ҳаракати академӣ, таълим аз рӯи барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ бо се забон). |
| Ба давлатҳои дигар рафтани кадрҳои илмӣ-педагогӣ, бо сабаби ояндаи мусоиду бештар барои амали намудани имконият ва тавоноии худ барои амалӣ намудани потенсиалӣ онҳо | Ҳавасмандгардонии фаъолияти омӯзгорӣ ва илмӣ-тадқиқотии профессорону омӯзгорон, инкишоф додани системаи ҳавасмандгардонии моддӣ аз руи натиҷаҳои фаъолияти илмӣ- тадқиқотӣ, рушд додани базаи илмию техникӣ. Рушд додани фаолияти ҳамшарикии давлатию хусусӣ дар равияи илмӣ, илмӣ-техникӣ ва инноватсионӣ. |

| | |
|---|---|
| Қатъ намудани амали баъзе аз барномаҳои таълимӣ | Тайёр намудани мутахассисон аз рӯйи дархости мақсаднок. Рушди заминаи моддию техникӣ. Такомули шаклу усулҳои фаъолияти таълимӣ. Аккредитатсияи барномаҳои таҳсилотӣ. |
| Дараҷаи нокифоя будани маоши миёнаи профессо-рону омӯзгорон ва гузариши мутахас-сисон ба дигар соҳаҳои фаъолият | Зиёд кардани қабули довталабон дар асоси шартнома ва кам кардани сарбории таълимии ҳайати омӯзгорон ва профессорон. Диверси-фикатсияи манбаъҳои музди меҳнати омӯзгорон тавассути барномаҳои иловагии таълимӣ валоиҳаҳоитадқиқотии маблағгузоришаванда. |
| Сатҳи нокифояи тиҷоратикунонии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ | Муҳайё кардани шароит ба ҳайати профессорону омӯзгорон барои иштирок дар тендерҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ. Таҳияи лоиҳаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар асосӣ фармоиши субъектҳои амалкунандаи хоҷагидорӣ. |
| Номукаммал будани барномаҳои докторантураи PhD. | Таҳкими неруи кадрӣ, рушди заминаи моддию техникӣ, таҳияи лоиҳаҳои илмӣ, омода намудани маҷмӯи ҳуҷҷатҳо барои кушодани ихтисосҳои нави докторантураи PhD. |

# ФАСЛИ 3. САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ РУШДИ ДТТ

## 3.1. Самти афзалиятноки «Таъмини омодакунии босифати мутахассисони рақобатпазир»

Мундариҷа ва сохтори тайёр кардани кадрҳои дорои маълумоти олӣ ва баъдидипломӣ мутобиқи талаботи бозори меҳнат, бо назардошти хусусиятҳои соҳа, инчунин дар асоси салоҳиятҳое, ки чаҳорчӯбаи тахассусҳои миллӣ ва стандартҳои тахассусӣ муайян кардааст, амалӣ ва такмил дода мешаванд.

Якҷоя бо шарикони хориҷӣ ва корфармоён барномаҳои таҳсилотӣ таҳия ва ислоҳ карда мешаванд.

Барномаҳои таълимии дуҷониба ва бисёрҷониба бо шарикон аз хориҷи кишвар ҷиҳати ба роҳ мондани мубодилаи академии донишҷӯён аз рӯи модели «2+2» дар зинаи бакалавриат ва «1+1» дар зинаи магистратура бо додани ду ва зиёда дипломҳо таҳия ва татбиқ карда мешаванд.

Принсипҳои Донишгоҳи Кушода ҷиҳати татбиқи миссияи сеюми Донишгоҳӣ дар асоси таҷрибаи Донишгоҳҳои хориҷи кишвар ва тамоюлҳои муосир дар ҷаҳонишавии таҳсилот роҳандозӣ карда мешаванд.

Сиёсати Донишгоҳ дар самти фаъолияти таълимӣ ва баланд бардоштани сифати таҳсилот тайи солҳои 2025-2030 ба ҳалли масъалаҳои зерин равона карда мешаванд:

1. Дар якҷоягӣ бо мақомотҳои давлатӣ, шарикон аз корхонаю ташкилотҳо, ширкатҳо ва бонкҳо (тариқи пурсиш, анкетагузаронӣ, мусоҳиба ва ғайра) таҳия намудани барномаҳои таҳсилотии ихтисосҳо, ки ба амалия ва талаботҳои корфармоён мувофиқ карда шуда, дар натиҷа баъди хатми Донишгоҳ донишҷӯён ба салоҳиятҳои касбие ноил мегарданд, ки ба талаботи бозори меҳнат мувофиқат мекунад. Бо ин мақсад ҳалли масъалаҳои зерин мавриди иҷроиш қарор дода мешаванд:

- дар давоми соли 2025 пурсиш ва омӯзиши талаботҳои корфармоён ба малакаю донишҳои касбии хатмкунандагон ва дар якҷоягӣ муайян намудани номгӯи салоҳиятнокии хатмкунандагон барои ҳамаи ихтисосҳои зинаи бакалавр ва магистратура;

- бо назардошти талаботҳо оид ба салоҳиятнокии хатмкунанда ворид намудани тағйиротҳо ба номгӯи фанҳои таълимӣ, мазмуну мундариҷаи барномаҳои таълимии ихтисосҳо;

- равона намудани таълими фанҳои тахассусӣ ба соҳибшавӣ ба салоҳиятҳои аз тарафи корфармоён муайян кардашуда;

- вусъат бахшидан ба фаъолияти филиалҳои кафедраҳои тахассусӣ дар корхонаҳо, ба роҳ мондани таълими фанҳои тахассусӣ бевосита дар истеҳсолот бо ҷалби мутахассисони корхонаю ташкилотҳо;

- ташкили барномаҳои кӯтоҳмуддати таълимӣ ва курсҳои сертификатсионии ба гирифтани донишҳои иловагии тахассусӣ равона кардашуда;

- дар охири ҳар соли таҳсил аз аттестатсия гузаронидани донишҷӯён оид ба дараҷаи азхудкунии салоҳиятҳо аз рӯйи фанҳои таълимӣ.

2. Татбиқи васеи технологияҳои иттилоотӣ ва рақамӣ:

- ташаккули низоми усулҳои интерактивӣ: истифодаи тахтаҳои интерактивӣ, тахтаҳои электронӣ, проекторҳо, телевизорҳо, ташкили дасрҳои он лайнии лексияҳо дар ҷараёни реалии вақт;

- ташкил ва истифодаи платформаи рақамии ягонаи он лайнӣ ки дар он нусхаҳои электронии маҷмӯи маводҳои таълимӣ (адабиётҳои дарсӣ, барномаи кории фан, матни лексияҳо, презентатсияҳо, дастурҳои таълимӣ ва нишондодҳои методӣ оид ба иҷрои корҳои мустақилонаи донишҷӯӣ, супоришҳои фардӣ барои донишҷӯён, видеолексияҳо) ҷойгир карда шуда, донишҷӯ имконият пайдо мекунад, ки маводҳои таълимиро фосилавӣ аз худ намояд, бо омӯзгор мунтазам дар тамос бошад;

- таҳия ва истифодаи барномаҳои махсуси компютерӣ ва истифодаи технологияи 3D барои ба таври виртуалӣ омӯхтани равандҳои технологии истеҳсолӣ дар дарсҳои амалӣ ва эҷодӣ, таҳияи видеодарсҳо;

3. Ҷалби мутахассисони хориҷӣ ва ватанӣ барои ташкили курсҳои бозомӯзии касбӣ барои омӯзгорон аз фанҳои тахассусии муосири техникӣ ва технологӣ, бурдани дарсҳои лексионию амалӣ ва озмоишии фанҳои тахассусӣ барои донишҷӯён;

4. Истифодаи имкониятҳои Маркази муштараки Тоҷикистону Кореяи Ҷанубии «Технологияҳои иттилоотию

коммуникатсионӣ»-и назди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Аз соли 2018 дар назди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Маркази муштараки Тоҷикистону Кореяи Ҷанубии «Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ» фаъолият дорад, ки озмоишгоҳҳои он бо таҷҳизотҳои муосири технологияи соҳаи технологияҳои иттилоотӣ муҷаххас гардонида шуда, мутахассисос аз робототехника ва барномасозии дастгоҳҳои парвозкунандаи беҳавонавард дарс медиҳанд. Фаъолияти ин марказ имконият медиҳад, ки:

- Ҷалби мутахассисон аз Кореяи Ҷанубӣ барои таълими фанҳои ихтисосҳои нави Донишгоҳи технологии Тоҷикистон – ихтисосҳои Истифодабарии дастгоҳҳои парвозкунандаи беҳавонавард, Дастгоҳҳои зеҳнӣ, мошинҳо ва истеҳсолот, Роботҳои саноатӣ ва комплексҳои робототехникӣ;

- Ташкили курсҳои бозомӯзии касбӣ барои омӯзгорони ҷавони факултети технологияҳои иттилоотӣ ва зеҳни сунъӣ аз фанҳои тахассусӣ, ки ба баланд шудани касбияти омӯзгорон оварда расонида, дар умум ба баланд сифати таҳсилоти донишҷӯён таъсири мусбӣ мерасонад.

Бо мақсади зиёд намудани шумораи донишҷӯён ва тайёр кардани мутахассисони ихтисосҳои нави дархостшуда корҳои зерин анҷом дода мешаванд:

- тавассути таҳияи усулҳои нави роҳнамоии касбӣ ва сиёсати тағйирпазири нархгузорӣ;

- кушодани ихтисосҳои нав барои соҳаҳои зеҳни сунъӣ, технологияҳои IT, саноати хӯрокворӣ ва нассоҷӣ вобаста ба талаботи бозори меҳнат;

- афзоиши теъдоди магистрантон, ки то 15 фоизи теъдоди бакалавр ва афзоиши теъдоди докторантони PhD то 10 фоизи теъдоди магистратураро бояд ташкил диҳанд;

- ҷалби бештари донишҷӯён ба корҳои ихтироъкорӣ ва навоварӣ;

- афзоиши шумораи донишҷӯёни хориҷӣ, аз ҷумла аз кишварҳои Осиёи Марказӣ.

- даъвати омӯзгорон ва мутахассисони варзидаи хориҷӣ барои фаъолияти педагогӣ ва илмӣ;

Барои пурра намудани нерӯи кадрҳои илмию педагогӣ корҳои тайёр кардан ва такмили ихтисоси профессорону

омӯзгорони ДТТ дар Донишкадаҳои такмили ихтисоси Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хориҷи кишвар дар асоси фармоиши давлатӣ, инчунин аз ҳисоби маблағҳои махсуси Донишгоҳ амалӣ карда мешаванд.

Ҳамасола то 30% омӯзгорон дар марказҳои миллии Тоҷикистон ва хориҷ аз кишвар такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзӣ мегузаранд.

Ҳайати омӯзгорон дар чаҳорчӯбаи мубодилаи академӣ бо Донишгоҳҳо, марказу пажуишгоҳҳои тадқиқотии хориҷӣ ҳамкорӣ хоҳанд кард.

Барои бо кор таъмин намудани хатмкунандагон ҳамкорӣ бо Мақомоти Иҷроияи Ҳокимияти Давлатӣ ва соҳавӣ инкишоф дода мешавад.

Инчунин тавсеаи минбаъдаи технологияҳои таҳсилоти фосилавӣ, кушодани курсҳои онлайн, таҳияи барномаҳои махсус ва иловагии таълимӣ ва маводҳои таълимӣ-методӣ, инчунин бозомӯзии ҳайати омӯзгоронро барои кор бо донишҷӯёни ба донишҳои махсус эҳтиёҷдошта пешбинӣ менамояд.

Сиёсати ростқавлии академӣ ва такмили системаи зиддиплагиат амалӣ карда мешавад.

### 3.2. Самти афзалиятноки «Такмилдиҳии мазмуну моҳияти таҳсилоти олӣ, баъдазидипломӣ ва мутобиқ намудани он ба тамоюлҳои ҷаҳонӣ»

Ташаккули истиқлолияти академии ДТТ дар таҳияи барномаҳои таҳсилотӣ, барномаҳои таҳсилотии иловагӣ инкишоф дода мешавад. Кӯшишҳо барои таҳия ва татбиқи барномаҳои таҳсилотӣ равона карда мешаванд, ки ҳадди аксар наздикшавии сатҳи салоҳияти хатмкунандагонро ба талаботи корфармоён дар соҳаҳо, таъмин мекунанд. Омӯзиши ба донишҷӯён нигаронидашуда, тамоюли асосии фаъолияти таълимии Донишгоҳ мегардад.

Барномаҳои таҳсилоти олӣ ва баъдидипломӣ бо се забон амалӣ карда мешаванд.

Барои баланд бардоштани сатҳи дониши забонҳои хориҷӣ аз ҷониби омӯзгорон, донишҷӯён, магистрантҳо, курсҳои такмили

ихтисос ва технологияҳои таълими фосилавӣ пешбинӣ карда мешаванд.

Беҳтарин мутахассисони ватанию хориҷӣ аз Донишгоҳу донишкадаҳои олӣ, институтҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва аз истеҳсолот ба таълим ҷалб карда мешаванд.

Мубодилаи академии омӯзгорону донишҷӯён тавассути иштироки фаъолона дар лоиҳаҳои барномаҳои Эразмус+ ИА ва Созмони ҳамкориҳои байналмилалии Олмон (GIZ), инчунин ҷалби донишҷӯёни хориҷӣ барои таҳсил, вусъат меёбад.

Ҳама ихтисосҳои ДТТ марҳила ба марҳила аз аккредитатсияи байналмилалӣ гузаронида мешаванд ва натиҷаҳо тавассути назорати мунтазами пас аз аккредитатсия тасдиқ карда мешаванд.

### 3.3. Самти афзалиятноки «Такмилдиҳии менеҷмент ва мониторинги рушди таҳсилоти олӣ ва баъдидипломӣ»

Идоракунӣ дар Донишгоҳ, аз ҷумла дар сатҳи институтсионалӣ боз ҳам такмил дода мешавад. Таҳияи принсипҳои идоракунии корпоративӣ, ҷалби мутахассисони варзидаи истеҳсолот ба ҳайати роҳбарикунандаи Донишгоҳ, гузаштан аз курсҳои такмили ихтисоси менеҷменти муосири таҳсилоти олӣ, аз ҷумла аз ҳисоби маблағҳои ғайрибуҷетӣ, давом дода мешаванд.

Системаи ҳавасмандгардонии кадрҳо дар асоси нишондиҳандаҳои меъёрии объективӣ, ошкорбаёнӣ ва шаффофият ташакул дода мешавад.

### 3.4. Самти афзалиятноки «Рушди инфрасохтори ДТТ»

Мутобиқи тадбирҳои андешидашуда оид ба кушодани ихтисосҳои нав ва умуман зиёд кардани шумораи донишҷӯён, инчунин бо назардошти афзоиши шумораи хатмкунандагон, дар Донишгоҳ корҳои сохтмонӣ, азхудкунии биноҳои нави таълимӣ, бинои хобгоҳ барои 500 ҷой бозсозӣ карда мешавад.

Фароҳам овардани шароит барои тиҷоратикунонии натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ беҳтар намудани инфрасохтори фаъолияти илмӣ-таҳқиқотиро пешбинӣ менамояд. Дар Донишгоҳ озмоишгоҳҳои тахассусии инноватсионии таълимӣ ва

илмӣ таъсис дода мешавад.

Мундариҷаи барномаҳои таҳсилотӣ мукаммал гардида, алоқаи зичтар бо истеҳсолот таъмин карда мешавад. Барномаҳои нави таҳсилотӣ, ки ба таълими дуалӣ мувофиқанд ва алоқаи зичи Донишгоҳ ва истеҳсолотро инъикос менамоянд, тартиб дода мешаванд.

Базаи моддию техникии ДТТ мунтазам мустаҳкам карда мешавад. Дар солҳои 2019-2023 7 озмоишгоҳи таълимию илмӣ ташкил ва муҷаҳҳаз гардонида шуд ва ин раванд дар оянда идома хоҳад ёфт. То соли 2030 ташкил ва муҷаҳҳаз гардонидани беш аз 10 озмоишгоҳи таълимию илмӣ, хусусан дар самтҳои технологияи коркарди маҳсулоти хӯрока, технологияи коркарди аввалияи ашё, истеҳсоли нах ва маҳсулоти нассоҷӣ, дӯзандагӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, дар равияҳои татбиқи технологияҳои зеҳни сунъӣ ва додашудаҳои калон (Big Data) дар назар аст. Ҳамчунин таъсиси бахшҳои нав дар Технопарки «Фановар»-и ДТТ идома хоҳад ёфт, аз ҷумла, ташкили озмоишгоҳи таълимию илмии коркарди шир ва маҳсулоти ширӣ бо дастгирии бевоситаи Барномаи олмонии GiZ «Таълимоти касбӣ дар Осиёи Марказӣ».

Бо мақсади таҳкими заминаи моддию техникии ДТТ бунёд намудани синфхонаҳои таълимӣ, аз ҷумла, дар солҳои 2025-2030 сохтан ва бо воситаҳои техникии муосири иттилоотӣ муҷаҳҳаз намудани толори лексионӣ барои 300 ҷойи нишаст, кушодани озмоишгоҳҳо барои татбиқи зеҳни сунъӣ, ташкили осорхона ва намоишгоҳи ДТТ, майдончаи варзишӣ, мутобиқ намудани инфрасохтори Донишгоҳ барои таълими донишҷӯёни имконияташон маҳдуд ва ғайра.

Муҷаҳҳаз ва таҷҳизонидани озмоишгоҳҳои таълимию илмӣ бо техникаи муосири компютерӣ ва воситаҳои мултимедиявии техникӣ идома дода мешавад. Таҷдид ва таъмири биноҳои таълимию озмоишгоҳӣ ва ободонии ҳудуди ДТТ идома дошта, ҳамчунин бунёди толори намоишгоҳи маҳсулоти саноати сабук ва ҳунарҳои мардумӣ дар назар аст.

Дар солҳои 2025-2030 миёни Донишгоҳ ва ташкилоти KOICA-и Кореяи Ҷанубӣ роҳандозӣ гардидани “Лоиҳаи таъсиси маркази таълимии технологияҳои нассоҷӣ барои омода кардани муҳандисони саноати нассоҷӣ дар Тоҷикистон” ба маблағи

10.000.000 долл.ИМА дар самти омодасозии кадрҳои соҳаи нассоҷӣ нақши муҳим бозида, дар тадбиқи технологияҳои пешрафтаи соҳа саҳми босазо мегузорад. Ҳадафи лоиҳа - баланд бардоштани иқтидори технологӣ, фароҳам овардани инфрасохтори зарурӣ ва рушди нерӯи кории соҳибихтисос дар саноати нассоҷии Тоҷикистон барои зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти дорои арзиши иловашуда, таҳкими захираи мутахассисон ва фароҳам овардани ҷойҳои корӣ ва имкониятҳои соҳибкорӣ, махсусан барои занон ва ҷавонон мебошад.

# ФАСЛИ 4. САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ РУШДИ ИЛМ ДАР ДТТ

## 4.1. Самти афзалиятноки «Афзоиши саҳми илм дар рушди устувори иқтисоди кишвар»

Бо мақсади ҳавасмандгардонии саҳми сармояи хусусӣ ба корҳои илмию тадқиқотӣ ва таҷрибавию лоиҳакашӣ, ДТТ дар татбиқи лоиҳаи Бонки Ҷаҳонӣ «Ҳавасмандгардонии инноватсияҳои ба истеҳсол равонашуда» иштирок мекунад.

Моделҳои нави маблағгузории грантӣ ва барномавии мақсадноки барномаҳои илмӣ аз худ карда мешаванд, ки ба ҳалли вазифаҳои аз ҷиҳати стратегӣ муҳими давлатӣ ва тиҷоратӣ гардонидани натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ, тавассути маблағгузории муштарак аз ҷониби ҷомеаҳои соҳибкорӣ нигаронида шудаанд.

Механизмҳои нави иштирок дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ оид ба маблағгузории корҳои илмӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва субъектҳои хоҷагидорӣ ҷорӣ карда мешаванд.

Барои баланд бардоштани самаранокии лоиҳаҳои илмӣ талаботҳои ҳатмии гирифтани патентҳо ва шаҳодатномаҳои ҳуқуқи муаллифӣ ҳангоми иҷрои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ муқаррар карда мешавад.

Барои баланд бардоштани сифат ва самаранокии рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ талаботи татбиқи натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ дар истеҳсолот ва раванди таълим, бо пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда муқаррар карда мешавад.

## 4.2. Самти афзалиятноки «Такмилдиҳии инфрасохтори илм ва муносибгардонии сохторҳои илмӣ-тадқиқотӣ»

Бо мақсади иҷрои корҳои самаранок сохтори таркибии илмӣ-тадқиқотӣ ДТТ рушд дода мешавад. Ифтитоҳи як қатор озмоишгоҳҳои таълимию илмӣ ва то соли 2026 бо мақсади тиҷоратикунонии коркардҳои илмию амалии Донишгоҳ дар назди Технопарки Донишгоҳ ташкил намудани Бахши илмӣ-тадқиқотӣ бо таҷҳизотҳои муосири техникӣ муҷҷаҳаз

гардонидашуда, дар назар аст.

Кори Маркази тиҷоратикунонии корҳои илмию тадқиқотӣ дар назди Технопарки Донишгоҳ бо мақсади дар истеҳсолот татбиқ намудани таҳқиқоти илмию техникии донишгоҳ ва ба роҳ мондани раванди патентикунонии иҷрои корҳои илмию тадқиқотӣ таъсис ва ташкил карда мешавад.

Дар Донишгоҳ таъсиси иттиҳодияҳои ҷамъиятии олимон ва донишҷӯён барои иштирок дар татбиқи лоиҳаҳои илмию техникӣ ва иҷтимоии маблағгузоришаванда идома дода мешавад.

Идораи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ташкилкунандаи мунтазами конференсияҳо, мизҳои мудаввар, чорабиниҳои оммавӣ оид ба ҷорӣ намудани барномаҳои давлатии ҷамъиятию сиёсӣ ва иҷтимоӣ мегардад.

## 4.3. Самтҳои афзалиятноки «Тақвият бахшидан ба неруи илмӣ ва мақоми олим»

Дастрасии иттилооти илмӣ, илмию техникӣ ва илмию педагогӣ, аз ҷумла дастрасӣ ба базаҳои байналмилалии маълумотҳои илмию техникӣ васеъ мегардад. Дар ин самт дар китобхонаи Донишгоҳ фонди электронии иттилооти илмӣ-техникӣ оид ба самтҳои тадқиқот ташкил карда шудааст.

Мақоми олимон аз рӯи дифои рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ ва иштироки самаранок дар корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ бо мукофот ва пардохтҳои иловагӣ баланд бардошта мешавад.

Фаъолияти чопии ҳайати профессорону омӯзгорон дар маҷаллаҳои байналмилалӣ, нашри монографияҳо, китобҳои дарсӣ ҳавасманд карда мешаванд.

Ба ҳайати омӯзгорони Донишгоҳ дар раванди гирифтани патент аз рӯи дархостҳои ба ихтироот додаашон, ки ба соҳаҳои афзалиятноки илм, техника ва иқтисод тасниф шудаанд, дастгирии ҳамаҷониба расонида мешавад.

Ҳангоми баҳодиҳии маҳсулнокии кори ҳайати профессорону омӯзгорон ва олимон шохиси (индекси) Хирш (h - индекс) аз рӯи шумораи нашрияҳо ва истинод ба нашрияҳои онҳо истифода карда мешавад ва рейтинги ҳайати профессорону омӯзгорон тартиб дода мешавад.

## 4.4. Самти афзалиятноки «Интегратсияи байналмилалӣ ва менеҷмент»

Татбиқи лоиҳаҳои таълимии илмӣ дар доираи консорсиумҳои илмӣ бо Донишгоҳҳои шарики хориҷӣ идома дода мешавад.

Нашри (ҳаммуаллифӣ) олимони Донишгоҳ дар нашрияҳои рейтингии байналмилалӣ идома хоҳад ёфт.

Дар Донишгоҳ гузаронидани чорабиниҳои сатҳи байналмилалӣ – намоиши дастовардҳо, форумҳо, конференсияҳо ва олимпиадаҳо идома хоҳанд ёфт.

Таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои грантӣ ҷиҳати дарёфти сарчашмаҳои молиявӣ дар доираи барномаҳои байналмилалӣ барои ҳалли мушкилот ва рушди таҳсилоти олӣ хеле афзоиш хоҳад ёфт.

Рушди ҳамкориҳои Донишгоҳ бо шарикони хориҷӣ ҷиҳати созмон додани воҳидҳои сохторӣ, марказҳо, озмоишгоҳҳо, технопаркҳо ва дигар сохторҳо таъмин карда мешавад.

# ФАСЛИ 5. САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ РУШДИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИННОВАТСИОНИИ ТАЪЛИМӢ ВА РАҚАМИКУНОНӢ

Технологияҳои инноватсионӣ дар таълим ба усул ва воситаҳое ишора мекунанд, ки барои беҳтар кардани раванди омӯзиш ва таълим бо истифода аз технологияҳои муосир ва маводҳои нав истифода мешаванд. Истифодаи инноватсияҳо дар таълим ба омӯзгорон ва донишҷӯён кӯмак мекунад, ки вазифаҳои таълимиро босамартар ва муассиртар иҷро кунанд. Технологиҳои инноватсионие, ки дар раванди таълим метавонанд истифиода шаванд, инҳоянд:

1. **Технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникасионӣ (ИКТ)**:
   - **Платформаҳои онлайн**: Moodle, Google Classroom, Microsoft Teams ва дигар платформаҳо, ки ба омӯзгорон ва донишҷӯён имконияти омӯзиш ва мубодилаи маълумотро фароҳам меоранд.
   - **Вебинарҳо ва курсиҳои электронӣ**: Ин имкониятро барои омӯзиш дар вақти воқеӣ ва ҳамчунин дар шакли сабтшуда пешниҳод мекунанд.
   - **Виртуалӣ ва аниматсия**: Кӯмак мекунад, ки маводҳо ба шакли ҷолибтар ва фаҳмотар барои донишҷӯён пешниҳод шаванд.
2. **Омӯзиши мустақил ва ташкилӣ**:
   - **Омӯзиши электронӣ (e-learning)**: Омӯзиш дар шабакаҳои интернет, ки ба донишҷӯён имконият медиҳад, дар вақти ба онҳо муносиб, аз ҳар ҷое, ки хоҳанд, омӯзиш кунанд.
   - **Омӯзиши омехта (Blended learning)**: Омӯзиши омехтаи дарсҳои анъанавӣ ва омӯзиш дар шабака.
3. **Технологияҳои иттилоотӣ барои таълими амалӣ**:
   - **Воқеияти васеъшуда (Augmented Reality, AR) ва Воқеияти виртуалӣ (Virtual Reality, VR)**: Ин технологияҳо кӯмак мекунанд, ки донишҷӯён таҷрибаи аниматсионӣ ва интерактивиро ҳис кунанд, ки барои омӯхтани мавзуҳои мураккаб муфид аст.
   - **Интерфейсҳои хоси маърифат (Adaptative learning systems)**: Барномаҳо ва системаҳое, ки таҷрибаи

таълимро мувофиқи эҳтиёҷоти донишҷӯ дигаргун мекунанд ва ба ҳар яки он омӯзишро мувофиқи ихтисос ташкил менамоянд.

4. **Робототехника ва автоматизатсия**:
   - **Роботҳо дар таълим**: Ин гуна роботҳо метавонанд ҳамчун воситаи ёрирасон дар тадриси фанҳои математика ё барномасозӣ истифода шаванд.
   - **Ҳамкориҳои одам ва робот**: Бо кӯмак аз роботе, ки тафаккури сунъӣ, омӯзиш метавонад босифаттар ва муассиртар шавад.
5. **Истифодаи маълумот ва таҳлил**:
   - **Big Data ва таҳлилҳои маълумотӣ**: Ба омӯзгорон кӯмак мекунад, ки бо истифода аз маълумоти амалӣ ва таҳлилӣ фармоишҳои беҳтар барои таҳсилот таҳия кунанд.
   - **Гамасозии натиҷаҳоро бо алгоритмҳои таҳлилӣ**: Ба омӯзгорон ё донишҷӯён кӯмак мекунад, ки натиҷаҳои дурусти бадастомадаро таҳлил намоянд.
6. **Таълим дар шакли бозиҳо**:
   - **Gamification (Гамификатсия)**: Воситаҳое, ки бо истифода аз унсурҳои бозиҳо барои таълим кӯмак мекунанд: ба монанди мақсадҳо ва мукофотҳо.
   - **Моделҳои бозӣ ва шиносоии рақамӣ**: Ба донишҷӯён дар асоси тавсияҳо ва ба таври барномавӣ муҳити таълимӣ ташкил мекунанд.

Хулоса, технологияҳои инноватсионӣ дар таълим на танҳо ба беҳтар кардани раванди омӯзиш кӯмак мекунанд, балки бо ҳар донишҷӯ бо назардошти эҳтиёҷот ва тавонмандии онҳо муносибати шахсиро таъмин мекунанд.

## 5.1. Самти афзалиятноки «Донишгоҳи рақамӣ»

«Донишгоҳи рақамӣ» - ин як консепсияи муосир дар таҳсилот мебошад, ки дар он истифодаи технологияҳои рақамӣ ва интернет барои таълим ва омӯзиш дар муҳити виртуалӣ ва онлайнии ҷорӣ ҷойгоҳи асосӣ мегирад. Самтҳои афзалиятноки «Донишгоҳи рақамӣ» ба баъзе аз масъалаҳои муҳим, ки ба рушди таълим дар ҷаҳони муосир таъсир мерасонанд, ишора мекунанд. Ба ин самтҳо чунин нуқтаҳо дохил мешаванд:

1. Таълим ва омӯзиши фосилавӣ (Online Learning)
   - **Дастрасӣ ба маърифат дар ҳама ҷо ва ҳама вақт**: Донишгоҳҳои рақамӣ имкон медиҳанд, ки донишҷӯён ва омӯзгорон дар вақти худ ва аз ҳар макон ба манбаъҳои таълимӣ дастрасӣ пайдо кунанд.
   - **Платформаҳои таълимии онлайн**: Платформаҳо, монанди Moodle, Google Classroom, Blackboard ва дигарҳо, ки ба донишҷӯён ва муаллимон имкон медиҳанд, курсҳои электронӣ, вазифаҳо ва баҳогузориҳо дар шакли онлайн гузаронида шаванд.
   - **Таълими мутобиқшуда (Personalized learning)**: Омӯзиш мувофиқи ниёзҳои шахсии ҳар як донишҷӯ ва дар асоси таҳлилҳои маълумот гузаронида мешавад.
2. Технологияҳои интерактивӣ ва рақамӣ
   - **Виртуалӣ ва афзудатар (VR/AR)**: Виртуалӣ ва воқеияти афзудатар кӯмак мекунанд, ки донишҷӯён таҷрибаҳои аниматсионӣ ва интерактивӣ дошта бошанд, ки барои омӯхтани мавзӯъҳои мураккаб ё дастрасӣ ба муҳити таълимӣ фоидаовар аст.
   - **Гамификатсия (Gamification)**: Ба истифодаи унсурҳои бозӣ дар таълим, ба монанди ба даст овардани бандиҳо, мукофотҳо ва мақсадҳои виртуалӣ, ки кӯмак мекунад, раванди таълим ҷолибтар ва муассиртар шавад.
3. Ҳамкориҳо ва шабакаҳои иҷтимоии таълимӣ
   - **Шабакаҳои иҷтимоии махсуси таълимӣ**: Дар «Донишгоҳи рақамӣ» истифодаи шабакаҳои иҷтимоии таълимӣ, ки барои муошират, мубодила ва ҳамкории донишҷӯён ва омӯзгорон таъсис ёфтаанд, хеле муҳим аст. Шабакаҳои иҷтимоии таълимӣ, монанди LinkedIn Learning ё платформҳо бо ҷалби муҳтавои фаҳмондадиҳӣ кӯмак мекунанд, ки дар муҳити рақамӣ муҳокимаву омӯзиш ба роҳ монда шавад.
   - **Вебинарҳо ва конференсияҳои онлайн**: Омӯзиш дар вебинарҳои онлайн, ки дар он донишҷӯён ва омӯзгорон метавонанд бо ҳам фикрҳояшонро мубодила кунанд.
4. Курсҳои иттилоотии модулӣ ва малакаҳои рақамӣ
   - **Модулҳои таълимии фаврӣ**: Курсиҳои онлайн дар мавзуҳои гуногун, ки донишҷӯён метавонанд дар давоми як муҳлати кӯтоҳ омӯзанд, дар «Донишгоҳи рақамӣ» аҳамияти калон

доранд. Модулҳои таълимии фаврӣ дар барномаҳои кӯтоҳмуддат барои шогирдон имконият медиҳанд, ки малакаҳои нави рақамӣ ва касбии худро тақвият диҳанд.

- **Барномасозии рақамӣ**: Омӯзиш дар соҳаҳои барномасозӣ, робототехника ва таҳияи контент бо истифода аз технологияҳои муосир дар «Донишгоҳи рақамӣ» хеле муҳим аст.

  Дар ин замина таъсиси **IT-Парк** дар соли 2025 ба нақша гирифта шудааст.

5. Истифодаи маълумот ва таҳлилҳои пешрафта
   - **Big Data ва таҳлилҳо**: Донишгоҳҳои рақамӣ метавонанд маълумоти калон (Big Data) ва таҳлилҳои пешрафтаро истифода баранд, ки барои арзёбӣ ва ба роҳ мондани таҷрибаи таълимӣ, таҳсилот ва рафтори донишҷӯён кӯмак мекунанд.
   - **Системаи мониторинг ва баҳогузорӣ**: Воситаҳои рақамӣ барои мониторинги раванди таълим ва баҳогузории донишҷӯён кӯмак мекунад, ба муаллимон ва донишҷӯён имконият медиҳад, ки самаранокии фаъолияти худро назорат ва таҳлил намоянд.
6. Таълими расмии муосир ва интегратсия бо бозори меҳнат
   - **Таълими маҳорати касбӣ ва мутахассисӣ**: Донишгоҳҳои рақамӣ кӯмак мекунанд, ки донишҷӯён дар муҳити рақамӣ маҳоратҳои касбӣ ва тахассусии худро, ба монанди таҳия кардани лоиҳаҳо, қабули қарорҳои тиҷоратӣ ё барномасозии рақамӣ сайқал диҳанд.
   - **Шабакаи ҳамкориҳо бо корхонаҳо ва ташкилотҳо**: Дар «Донишгоҳи рақамӣ» ҳамкориҳои мустақими муассисаҳои таълимӣ бо ширкатҳои ҷаҳонӣ барои дастгирии донишҷӯён дар пайдо кардани ҷои кор ва амалигардонии маҳорати касбӣ муҳим аст.
7. Қувваи одамӣ ва рушди муаллимон
   - **Омӯзиши доимии муаллимон**: Мудирони кафедраҳо ва муаллимон бояд бо технологияҳои нав ва усулҳои таълими муосир шинос шаванд. Барномаҳои махсус барои омӯзиш ва рушди муаллимон дар доираи «Донишгоҳи рақамӣ» кӯмак мекунанд, ки онҳо барои таълими рақамӣ ва иттилоотӣ омода бошанд.

- **Навсозии дастгоҳҳо ва платформаҳо**: Дастгоҳҳо ва платформаҳои таълимии рақамӣ ҳамеша бояд бо истифода аз технологияи нав ва барномаҳои пешрафта навсозӣ шаванд.

Хулоса:

«Донишгоҳи рақамӣ» барои рушди кӯшишҳои таълимии ҳамаҷониба ва муосир аҳамияти муҳим дорад. Бо истифодаи технологиҳои пешрафта ва муҳити рақамӣ, он метавонад ба донишҷӯён ва омӯзгорон имконият диҳад, ки бо муассиртарин ва ҳамаҷонибаи воситаҳо, дар муҳити рақамии имрӯз таҳсил ва омӯзиш кунанд.

Гузариш ва роҳандозии «Донишгоҳи рақамӣ» дар давраи амалишавии стратегияи мазкур дар нақша аст.

## 5.2. Самти афзалиятноки «Таҳсилоти дуалӣ»

«Таҳсилоти дуалӣ» як шакли таълим мебошад, ки дар он донишҷӯён ҳамзамон бо омӯхтани назария дар муассисаҳои таълимӣ, таҷрибаи амалии кориро дар ҷойҳои кории воқеӣ, ташкилотҳо ва корхонаҳо мегиранд. Мақсади асосии таҳсилоти дуалӣ - ин таъмини ҳамоҳангии назария ва амал, то ин ки донишҷӯён дар бозори меҳнат омодагӣ дошта бошанд. Самтҳои афзалиятноки таҳсилоти дуалӣ шомили омодагӣ ба бозори меҳнат, ҳамкориҳои муваффақ бо соҳаи истеҳсолот ва рушди малакаҳои касбӣ мебошанд. Ба самтҳои афзалиятноки таҳсилоти дуалӣ шомиланд:

1. Истифодаи таҷрибаҳои амалии корӣ
   - **Омӯзиши амалии донишҷӯён дар корхонаҳо**: Дар таҳсилоти дуалӣ донишҷӯён як муддат дар корхонаҳо ё ташкилотҳо кор мекунанд ва таҷриба мегиранд. Ин робита барои донишҷӯён имконият медиҳад, ки намудҳои кор ва масъулиятҳои ба онҳо дахлдорро дар воқеъ омӯзанд.
   - **Амалӣ намудани малакаҳои касбӣ**: Дар ин шакли таълим, донишҷӯён малакаҳои махсуси соҳаҳои гуногунро, ки дар бозори меҳнат талаб карда мешаванд, дар муҳити корӣ пайдо мекунанд.
2. Ҳамкории васеъ бо ташкилотҳои истеҳсолӣ ва корхонаҳо
   - **Шарикӣ бо корхонаҳо ва ташкилотҳо**: Таҳсилоти дуалӣ барои муҳити таълим ва истеҳсолот як ҳамкории муваффақро таъмин мекунад. Ташкилотҳо ва корхонаҳо метавонанд

донишҷӯёнро бо таҷрибаҳои амалии худ таъмин кунанд, дар ҳоле ки муассисаҳои таълимӣ маҳоратҳои назариявиро пешниҳод мекунанд.

- **Ҳамкориҳо бо соҳаҳои гуногун**: Ин самт кӯмак мекунад, ки дар тамоми соҳаҳо, аз ҷумла саноат, хидматрасонӣ, иттилоот ва технологияи рақамӣ, ҳамкориҳои муваффақ бо корхонаҳо ва ширкатҳои маҳаллӣ ё байналмилалӣ амалӣ гардад.

  Донишгоҳ айни ҳол бо зиёда аз 150 корхона ва ширкатҳо ҳамкорӣ дорад, ки аз ин теъдод 45 ададаш корхонаҳои саноатӣ мебошанд.

3. Пешбурди малакаҳои технологӣ ва рақамӣ

- **Технология ва автоматизатсия дар истеҳсолот**: Вақте ки донишҷӯён дар муҳити истеҳсолӣ таҷриба мегиранд, онҳо малакаҳои технологӣ ва рақамиро, ки барои иҷрои кор дар муҳити кории муосир заруранд, омӯзанд.
- **Насб ва истифодаи воситаҳои рақамӣ**: Таҳсилоти дуалӣ донишҷӯёнро омода мекунад, то онҳо бо технологияҳои муосир дар соҳаҳои гуногун шинос шаванд, ки дар рушди истеҳсолот ва хидматрасонӣ нақши муҳим доранд.

4. Кӯмак ба таҳия ва рушди малакаҳои гуногунҷабҳавӣ (мултимодалӣ)

- **Омӯзиши малакаҳо дар соҳаҳои гуногун**: Дар таҳсилоти дуалӣ, донишҷӯён на танҳо малакаҳои махсуси соҳаҳои худ, балки малакаҳои риштаи дигарро низ меомӯзанд, ки барои иштирок дар коркард ва ҳалли мушкилот муҳим мебошанд.
- **Таълими назария ва амал дар як вақт**: Донишҷӯён бо омӯхтани назария дар муассисаҳои таълимӣ ва таҷрибаи корӣ дар корхонаҳо метавонанд малакаҳои гуногунро азхуд кунанд, ки онҳоро барои иҷрои вазифаҳои гуногун дар кор омода мегардонанд.

5. Роҳандозии таҳсилоти дуалӣ

- **Мавҷудияти ҷойҳои кории омодашударо таъмин мекунад**: Таҳсилоти дуалӣ ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки онҳо дар равандҳои таҷрибавӣ амал кунанд ва дар натиҷа, бозори меҳнатро барои худ хеле равшан кунанд. Баъзан, донишҷӯён метавонанд пас аз ба анҷом расонидани таҳсилоти дуалӣ дар ҳамон корхона ё ташкилоте, ки таҷриба гирифтанд, ба кор қабул шаванд.

- **Раванди омодагӣ ба мавқеи роҳбарӣ**: Дар вақти таҳсилоти дуалӣ, донишҷӯён ба малакаҳои роҳбарӣ ва мувофиқати вазифавӣ дар муҳити корӣ омода мешаванд, ки баъдан метавонад онҳоро барои вазифаҳои баландтар дар соҳаҳо, ки онро омӯхтаанд, омодагӣ диҳад.

6. Низоми таълимии интегралӣ
   - **Модели таълимии дуҷониба (учебная модель)**: Таҳсилоти дуалӣ, ки якҷо бо омӯзиши назария ва амал омода мекунад, ба донишҷӯён кӯмак мекунад, ки ба омӯзиши такмилёфта ва мукаммал шинос шаванд.
   - **Иттилоот ва навсозии платформаҳо**: Бо ташкили платформаҳои таълимӣ ва шабакаҳои маълумотии иттилоотӣ барои пайвастшавӣ бо корхонаҳо ва муассисаҳои таълимӣ, метавон ба таҳсилоти дуалӣ ва рушди омӯзиши амалии касбӣ мусоидат кард.
7. Пешбурди устувории кор дар иқтисодиёт
   - **Омодагии иқтисодии маҳаллӣ**: Таҳсилоти дуалӣ метавонад барои рушди иқтисодиёт кӯмак кунад, зеро донишҷӯён дар соҳаҳои муҳими иқтисодиёт малакаҳо ва қобилиятҳои касбиро азхуд мекунанд.
   - **Пешбурди устувории рушди соҳаҳои иқтисодии нав**: Ин самт кӯмак мекунад, ки ҷавонон дар замони муосир ва барои рушди иқтисодиёти устувор ва сабз омодагӣ пайдо кунанд.

Хулоса, таҳсилоти дуалӣ барои омодагӣ ба бозори меҳнат ва ҳалли мушкилоти амалии соҳаҳо нақши муҳим мебозад. Ин имкон медиҳад, ки донишҷӯён ҳам ба назарияи таълимӣ ва ҳам ба таҷрибаи амалии корӣ дастрасӣ дошта бошанд, онҳоро барои рӯбарӯ шудан бо талаботи бозори меҳнат ва баландбардории малакаҳои касбӣ омода месозад.

Айни ҳол аз ҷониби гуруҳи корӣ лоиҳаи шартнома оид ба таълими дуалӣ миёни муассисаи таълимӣ, корхона ва таълимгиранда таҳия гардида, лоиҳаи барномаи таҳсилотӣ, нақшаи таълимӣ ва барномаи таълимӣ (силлабус), ҳамчун асос барои пешбурди фаъолияти таълим дар муассисаи таълимӣ ва дар корхона таҳия гардида, барои ташхис ба Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми ҶТ равон карда шуд.

## 5.3. Самти афзалиятноки «Ташаккули навгонии малакаи касбии донишҷӯён ва хатмкунандагон»

Ташаккули навгониҳои малакаи касбии донишҷӯён ва хатмкунандагон як самти муҳим ва афзалиятнок дар таҳсилоти муосир аст. Дар ҷаҳони имрӯза, ки технологияҳо, бозори меҳнат ва талаботҳо зуд тағйир меёбанд, донишҷӯён ва хатмкунандагон бояд малакаҳои касбии нав ва мутобиқшуда дошта бошанд, то ба эҳтиёҷоти ҷомеа ва иқтисоди глобалӣ ҷавобгӯ бошанд. Аз ин рӯ, ташаккули навгониҳои малакаи касбӣ ба як рукни муҳим дар таълим ва омодагии шахс ба ҳаёти касбӣ табдил ёфтааст.

Самтҳои афзалиятноки ташаккули навгониҳои малакаи касбии донишҷӯён ва хатмкунандагон:

1. Раванди омодагии донишҷӯён ба талаботи бозори меҳнат
   - **Малакаҳои рақамӣ ва технологӣ**: Бо рушди технологиҳои муосир, донишҷӯён бояд малакаҳои рақамиро (барномасозӣ, таҳлили маълумот, истифодаи системаҳои маҷозӣ ва интернети объектҳо) дошта бошанд. Таълим дар ин самт ба таҳсили малакаҳои техникӣ ва пешбурди технологияҳои нав, аз ҷумла блокчейн, воқеияти афзудатар ва амалӣ, истеъдодҳои рақамӣ ва робототехника, аҳамияти зиёдро талаб мекунад.
   - **Малакаҳои муошират ва ҳамкории гурӯҳӣ**: Дар бозори меҳнат муошират, ҳамкории гурӯҳи ва малакаҳои иҷтимоии шахсӣ (soft skills) хеле муҳиманд. Донишҷӯён бояд барои ҳамкорӣ бо дигарон, мутобиқ шудан ба муҳити корӣ ва ҳал кардани мушкилот малакаҳо ва қобилиятҳои муносибатро омӯхта, рушди доимии онро таъмин кунанд.
2. Пешбурди малакаҳои касбӣ ва ҳунарӣ
   - **Омӯзиши малакаҳои касбӣ дар соҳаҳои гуногун**: Ташаккули малакаҳои касбӣ, ки бевосита ба соҳаи интихобии донишҷӯ вобаста аст, муҳим аст. Донишҷӯён ва хатмкунандагон бояд малакаҳои кориро, ки дар бозори меҳнат ба онҳо талабот аст, омӯзанд ва таҳсил кунанд, ки онҳоро пас аз хатм дар корхонаҳо ё ширкатҳо истифода баранд.

   Бо ин мақсадҳо дар соли 2025 тибқи қарори Шурои олимони Донишгоҳ аз 5 декабри соли 2024, суратҷаласаи №4 Маркази Co-working таъсис дода мешавад.

- **Шабакаи таълим ва таҷриба дар корхонаҳо (internships)**: Курсҳои амалӣ, аз ҷумла таҷрибаҳои корӣ ва маҳорати касбӣ дар муҳити истеҳсолӣ ё хизматрасонӣ, имконият медиҳанд, ки донишҷӯён бевосита малакаи касбии худро дар заминаи воқеӣ ташаккул диҳанд.

3. Таҳсилоти дуалӣ ва омодагӣ ба фаъолиятҳои касбӣ
   - **Интегратсияи таҳсилот ва таҷриба**: Таҳсилоти дуалӣ, ки дар он донишҷӯён ҳамзамон бо омӯхтани назария дар муассисаҳои таълимӣ, таҷрибаи амалии кориро мегиранд, кӯмак мекунад, ки малакаҳои касбӣ дар амал дар муҳити кории воқеӣ ва бо фарогирии талаботи коромӯзӣ ташаккул ёбанд.
   - **Амали гардонидани маҳорати касбӣ дар муҳити корӣ**: Ташаккул ва омӯзиши малакаҳои соҳаҳои нав, ба монанди технологияи рақамӣ, таҳлили маълумот ва барномасозӣ дар корхонаҳо, муассисаҳо ва ширкатҳо бо истифода аз методологияи дуалӣ, шароит фароҳам меорад.
4. Касбҳои нави тиҷоратӣ
   - **Маҳоратҳои мутобиқшавӣ ва инноватсионӣ**: Донишҷӯён бояд малакаҳои нави кориро барои эҷод ва пешниҳоди маҳсулот ва хидматрасониҳои нав дошта бошанд. Малакаҳои тиҷоратӣ ва ҳамкориҳои байналмилалӣ барои таҳсилку-нандагон ва хатмкунандагон имконияти фароҳам овардани роҳҳои нави касбият ва ширкатҳои фарогирро таъсис медиҳанд.
   - **Эҷод ва роҳбарии лоиҳаҳо**: Малакаҳои роҳбарӣ, шиносоии имкониятҳои тиҷоратӣ ва таҳияи лоиҳаҳо барои ҷавонон муҳиманд, ки пас аз таҳсил метавонанд худро дар муҳити рақобатпазири ҷаҳонӣ устувор кунанд.
5. Таълими маърифати фарҳангӣ ва иҷтимоӣ
   - **Малакаҳои фарҳангӣ ва иҷтимоии ҷавобгӯ ба ҷомеа**: Ба донишҷӯён кӯмак мекунанд, ки арзишҳои маърифати иҷтимоии, фарҳангии ва экологии глобалӣ ва маҳаллии худро омӯхта, барои рушди устувори ҷомеа дар тамоми ҷаҳон омода шаванд.
   - **Малакаҳои хидматрасонӣ ва роҳбарӣ**: Маҳоратҳои роҳбарии хидматрасонӣ ва арзишҳои ахлоқӣ дар кор ва ҷомеа барои ташаккули навгониҳои касбии донишҷӯён ва хатмкунандагон аҳамияти калон доранд. Ташаккули малакаи роҳбарӣ ва

хидмат дар ҷомеа ҳамчун як қисми омодагии касбӣ барои ҷавонҳоро кӯмак мекунад, ки бевосита дар маҷмӯъ дар тамоми соҳаҳо ва гурӯҳҳо амал кунанд.

6. Пешбурди малакаи таҳлили маълумот ва таҳқиқот

- **Малакаҳои таҳлил ва татбиқи илмҳо**: Малакаҳои таҳлили маълумот ва илмҳои марбут ба таҳқиқот дар соҳаҳои гуногун барои донишҷӯён ва хатмкунандагон муҳиманд. Донишҷӯён бояд бо навгониҳои марбут ба илмҳои табиат, таҳлилҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ шинос шаванд, то дар бозори меҳнат ба талаботи таҳлил ва тадқиқот ҷавобгӯ бошанд.
- **Малакаҳои сарфаи вақт ва идоракунии лоиҳаҳо**: Омӯзиш ва рушди маҳорати идоракунии лоиҳаҳо ва сарфаи вақт барои хатмкунандагон кӯмак мекунад, ки онҳо ба фаъолияти касбии худ беҳтар омодагӣ пайдо кунанд.

Хулоса, ташаккули навгониҳои малакаи касбии донишҷӯён ва хатмкунандагон ба ҳамоҳангсозии назария бо амалия, истифодаи технологияҳои муосир ва мутобиқшавии дуруст ба талаботи бозори меҳнат вобаста аст. Ҳадафи асосии ин самт, ба миён омадани мутахассисони қобилиятнок ва омодашуда, ки метавонанд дар муҳити муосир ва рақобатпазир ба камолот расанд, ки ба таъмини рушди устувори ҷомеа ва иқтисодиёт кӯмак расонида тавонанд.

# ФАСЛИ 6. САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ КОРИ ТАРБИЯВӢ «ТАШАККУЛИ ШАХСИЯТИ МУТАНОСИБАН ИНКИШОФЁФТАИ БИСЁРФАРҲАНГА»

Идораи корҳои ташкилию тарбиявӣ сохтори таркибии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон буда, дар асоси Оинномаи Донишгоҳ ва Низомномаи Идораи корҳои ташкилию тарбиявӣ амал намуда, тамоми масъалаҳое, ки ба тарбия алоқамандӣ дорад, дар фаъолияти худ ба роҳбарӣ гирифта, сохтори асосии танзимкунандаи муносибатҳо дар ин самт ба ҳисоб меравад.

Кормандони Идора барои дар амал татбиқ намудани қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии тарбия, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оинномаи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон», қарорҳои Шурои олимон, фармоишҳои ректори Донишгоҳ ва супоришҳои раёсати Донишгоҳ вазифадоранд.

Бо мақсади ҷашн гирифтани санаҳои таърихӣ ва ҷалб намудани ҳайати устодону донишҷӯёни Донишгоҳ ба чорабиниҳои сиёсию фарҳангӣ ва варзишӣ Идораи корҳои ташкилию тарбиявӣ нақша - чорабиниҳо таҳия намуда, иҷрои онро дар тамоми зерсохторҳои қисми тарбияи Донишгоҳ зери назорати ҷиддӣ қарор медиҳад.

Инчунин, Идораи корҳои ташкилию тарбиявӣ ҷиҳати дар амал татбиқ намудани Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои зарурӣ андешида, дар дарсҳои тарбиявии гурӯҳҳои академикӣ омӯзиши пайвастаи онро ба роҳ монда, ҷараёни баргузории дарсҳои тарбиявиро мувофиқи нақшаи тасдиқшуда назорат мебарад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳои хеш мавқеъ ва мароми аҳли зиёро дар созандагиву бунёдкорӣ ва ташаббускории аҳли ҷомеа таҳлил намуда, таъкид

карданд, ки дар донишгоҳу донишкадаҳо диққати ҷиддӣ ба ғайр аз тадрису таълим, ба корҳои тарбиявӣ низ равона карда шавад.

Аз ин рӯ, раёсати Донишгоҳ сиёсати пешгирифтаи Сарвари давлатро ҳамаҷониба дастгирӣ намуда, дар фаъолияти гуногунҷабҳои худ дастуру супориш ва сиёсати хирадмандонаю бунёдкоронаи сарвари давлат Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ва ноҳияи Фирдавсӣ, Қарорҳои Шӯрои олимонро сармашқи кори худ қарор дода, дар амалӣ гардонидани онҳо тамоми кӯшиш ва қувваю ғайрати худро равона менамояд, дар пиёда гардидани сиёсати давлат дар соҳаи маориф оид ба болоравии сифати таълим, тайёр намудани мутахассисони баландихтисоси дар бозори меҳнат рақобатпазир, воридшавӣ ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ фаъолияти худро равона намудааст.

Фаъолияти асосии Идораи ташкилию тарбиявӣ, Раёсат ва ҳайати устодону профессорони Донишгоҳ ба иҷрои вазифаҳои аввалиндараҷа дар раванди иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар Паёми ҳамасола ва зимни суханронӣ баён намуданд, ки ҳадафи Роҳбари давлат аз ин ташаббусҳо баланд бардоштани сатҳи саводу маърифатнокии мардум ва дар навбати аввал, наврасону ҷавонон, тақвияти ҳисси миллӣ, ватандӯстиву ватанпарварӣ, ҳувияти миллӣ, арҷгузорӣ ва омӯхтани забон, таърих, фарҳанги бостонии тоҷикон, тавсеаи доираи донишу ҷаҳонбинии илмиву техникӣ ва рушди илмҳои дақиқу табиӣ дар кишвар мебошад.

Татбиқи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ, алалхусус “Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Қонуни ҶТ “Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак”, Қонуни ҶТ “Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Консепсияи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи дин”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №89 аз 1 марти соли 2005 «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқи мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо», Фармони Призиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 1999 №5 «Дар

бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа», Қонуни ҶТ “Дар бораи баланд бардоштани ҳисси ватандӯстии шаҳрвандон”, “Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва тероризим дар ҶТ барои солҳои 2021-2025”, “Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар ҶТ барои давраи то соли 2030”, Нақша чорабиниҳо оид ба иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2021 №167 “Дар бораи стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030” дастур ва тавсияҳои Вазорати саноат ва технологияи нави ҶТ, Вазорати маориф ва илми ҶТ дар ҷодаи тарбия намудани мутахассисони замони нав барои хоҷагии халқи кишвар тибқи технологияи кредитӣ равона шуда аст, ки ҷиҳати тарбияи ҷавонон дар руҳияи солими пур аз эҳсоси худшиносиву ватандустӣ нигаронида шудааст.

Ташаккули шахсияти мутаносибан инкишофёфтаи бисёрфарҳанга дар Донишгоҳ ва раванди тарбия ба натиҷаҳои фаъолияти таълимӣ, илмӣ-тадқиқотӣ ва тарбиявии Донишгоҳ такя менамояд. Ҷавонон тавассути иштирок дар лоиҳаҳои Донишгоҳӣ ва байналмилалӣ, дар чорабиниҳои ҷамъиятию сиёсии миқёси ҷумҳуриявӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ ва Донишгоҳӣ тарбия меёбанд.

Чорабиниҳои фарҳангии оммавӣ барои ташаккули шаҳрвандии фаъоли ҷавонон, масъулияти иҷтимоӣ, ҳисси ватандӯстӣ, сифатҳои баланди ахлоқӣ ва пешвоӣ ба татбиқи лоиҳаҳои ҷавонии дорои аҳамияти иҷтимоӣ, алоқаманд хоҳанд буд.

Донишҷӯён рушди шаклҳои анъанавии фаъолияти ҷамъиятии ДТТ – худидоракунии донишҷӯён, ҳаракати мубоҳисавӣ, дастаҳои меҳнатии донишҷӯён, дастаҳои хайрияи экологии «Эко+», волонтёриро фаъолона дастгирӣ хоҳанд кард. Тамоми шаклҳои кори кураторон ва коллективи омӯзгории Донишгоҳ ба ташаккули шаҳрвандӣ ва ватандустӣ нигаронида шудааст.

Идораи ташкилию тарбиявии ДТТ дар оянда барои татбиқи Стратегия дар самти баландбардории маърифатнокӣ, ватандӯстӣ, тарбия ёфтан аз рӯи принсипҳои хештаншиносӣ, худогоҳӣ, ҳис намудани эҳсосоти миллӣ, доштани малакаи зиракии сиёсии ҷавонон саъю кӯшиш намуда, бештар онҳоро оид ба донишандӯзӣ ва азхуд намудани донишҳои муосир роҳандозӣ менамояд.

## ХУЛОСА

Дар натиҷаи татбиқи маҷмӯи корҳои дар боло зикргардида дар назар дошта шудааст, ки: мазмуну равишҳои таълими босифати фанҳо аз ҷониби ҳайати профессорону омӯзгорони донишгоҳ тағйир меёбад; теъдоди филиалҳои кафедраҳои тахассусии дар корхонаву ташкилотҳо зиёд карда мешаванд; сатҳи сифати донишҳои касбии ҳайати омӯзгорон баланд бардошта мешавад; базаи моддию техникӣ таҳким ёфта, марказҳои таълимӣ-инноватсионӣ бунёд мегарданд; пажуҳишгоҳҳои нави илмӣ-таҳқиқотӣ таъсис дода мешаванд; мактабҳои илмии Донишгоҳ ташаккул ва таҷдид меёбад; шароити зарурӣ барои тиҷоратикунонии маҳсулоти илмии олимон ва ҳайати омӯзгорони Донишгоҳ фароҳам оварда мешавад; алоқаи илм бо истеҳсолот мустаҳкам мегардад; ҳамгирой ба ҷомеаи байналмилалии илмӣ мустаҳкам мегардад; ҷорӣ намудани низоми ҳавасмандгардонии олимони ҷавон, аз ҷумла барои азхудкунии забонҳои хориҷӣ имконпазир мешавад; дар амал ҷорӣ намудани стратегияву барномаҳои марҳилавии рушди инноватсионии Донишгоҳ, нақшаю чорабиниҳои Донишгоҳ оид ба пешниҳод намудани хизматрасониҳои техникӣ, такмил додани усулҳои фаъоли таълим ва ташкили озмоишгоҳҳои илмию таълимии Донишгоҳ роҳандозӣ мегарданд; рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва рақамикунонӣ дар идоракунӣ ва ҷараёни таълим, мукаммалгардонии платформаи иттилоотии Донишгоҳ ва роҳандозии «Донишгоҳи рақамӣ», инчунин таъсиси IT-Парк амалӣ мегардад; ташаккули навгонии малакаи касби донишҷуён ва хатмкунандагон бо мақсади баланд бардоштани рақобатпазирии онҳо дар бозори меҳнат роҳандозӣ мегардад; дастгирии ҳамаҷонибаи донишҷӯён ва хатмкунандагон дар соҳаи рушди таълимию касбии онҳо пайгирӣ мешавад; ташкил ва гузаронидани курсҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат аз рӯйи самт ва равияҳои мухталиф барои доираи васеи шунавандагон (тибқи иҷозатнома) дар сатҳҳои гуногун тариқи ҳузурӣ ва дар реҷаи фосилавӣ, онлайн ба роҳ монда мешаванд; ҷиҳати ба талаботҳои муосир мувофиқ ва ҷавобгӯ ба талаботҳои корфармоён барномаҳои таҳсилотӣ тибқи низоми “Таҳсилоти дуалӣ” ба роҳ монда мешаванд.

Дар назар дошта шудааст, ки харитаи роҳи Донишгоҳ барои расидан ба ҳадафҳо ва вазифаҳои стратегияи мазкур ҳар ду сол бо назардошти вазъи воқеӣ ва вазифаҳои минбаъда, таҳия ва амалӣ карда мешавад.

# ФАСЛИ 7. САМТҲОИ СТРАТЕГӢ, МАҚСАД ВА НИШОНДИҲАНДАҲОИ МАҚСАДНОК

| № | Нишондиҳандаҳои мақсаднок | Шахсони масъул | Воҳиди ченак | Давраҳои ба нақша гирифташудаи татбиқ | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Воқе-ият 2023 | 2024 | 2025 - 2026 | 2027 - 2028 | 2029 - 2030 |
| **1** | **2** | **3** | **4** | **5** | **6** | **7** | **8** | **9** |
| **Самти стратегӣ:** Таҳсилоти олӣ ва баъдидипломӣ | | | | | | | | |
| **Ҳадафи 1:** Таъмини соҳаҳои иқтисодиёт бо кадрҳои рақобатпазири дорои маълумоти олӣ ва баъдидипломӣ | | | | | | | | |
| 1. | Ҷойи ишғолнамуда дар рейтинги Донишгоҳҳои ҷумҳурӣ | Ректор, муовинони ректор | Ҷой | 8 | 7 | 7 | 6 | 5 |
| 2. | Гузариш аз аккредитатсияи махсуси байналмилалӣ | Муовини ректор оид ба таълим ва идораи сифати таҳсилот – муовини якум | Шумораи барнома-ҳои таълимӣ | 3 | 5 | 7 | 7 | 8 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 3. | Шумораи донишҷӯён аз руи зинаю шаклҳои таълим, аз ҷумла аз рӯи фармоиши давлатӣ.<br>Аз ин шумора:<br>- бакалавр;<br>- магистр;<br>- таълими рӯзона;<br>- таҳсилоти фосилавӣ | Муовини ректор оид ба таълим ва идораи сифати таҳсилот – муовини якум | Шумора, ҳамагӣ / фармоиши давлатӣ | 3903/ 1005<br><br>3819<br>84<br>2760<br>1059 | 4200/ 1050<br><br>4100<br>100<br>2800<br>1300 | 4200/ 1200<br><br>4190<br>110<br>2900<br>1290 | 4700/ 1200<br><br>4280<br>120<br>3000<br>1280 | 5500/ 1300<br><br>4370<br>130<br>3070<br>1300 |
| 4. | Шумораи донишҷӯёни хориҷӣ | Муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ | Шумора | 60 | 26 | 40 | 50 | 60 |
| 5. | Шумораи чорабиниҳо барои ҷалби донишҷӯёни хориҷӣ, сафарҳо ба кишварҳои Осиёи Марказӣ. | Муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ ва муовини ректор оид ба татбиқи стратегияҳо ва рушди технологияҳои инноватсионӣ | Шумора | 5 | 6 | 7 | 8 | 10 |
| 6. | Шумораи шартномаҳои ҳамкорӣ бо корфармоён оид ба шуғл фаро гирифтани хатмкунандагон ва таҷрибаомӯзӣ | Муовини ректор оид ба татбиқи стратегияҳо ва рушди технологияҳои инноватсионӣ | Шумора | 25 | 30 | 35 | 40 | 50 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 7. | Шумораи шартномаҳо бо корфармоён оид ба таҳсилоти дуалӣ | Муовини ректор оид ба татбиқи стратегияҳо ва тех-нологияҳои инноватсионии таълимӣ | Шумора | - | - | 10 | 15 | 20 |
| 8. | Ташкил намудани филиалҳои кафедраҳо дар корхонаҳо ва ташкилотҳо | Муовини ректор оид ба татбиқи стратегияҳо ва тех-нологияҳои инноватси-онии таълимӣ | Шумора | 2 | 6 | 7 | 8 | 10 |
| 9. | Ҳиссаи адабиёти таълимию методӣ бо забони давлатӣ | Муовини ректор оид ба таълим ва идораи сифати таҳсилот – муовини якум, муовини ректор оид ба илм ва татбиқот | % | 52 | 60 | 65 | 65 | 70 |
| 10. | Воситаҳои таълимии ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳ, ки бо тавсияи ҲМ ВМ ва И ҶТ ба табъ расидаанд | Муовини ректор оид ба таълим ва идораи сифати таҳсилот – муовини якум | Шумора | 5 | 7 | 9 | 13 | 15 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 11. | Иштироки донишҷӯён ва магистрантон дар мубодилаи академӣ (даромад / баромад) | Муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ, шуъбаи таълим | Шумора | -/3 | -/7 | 5/10 | 5/10 | 7/15 |
| 12. | Шумораи барномаҳои таълимие, ки дар асоси чаҳорчӯбаи миллии тахассусӣ бо иштироки корфармоён таҳия карда шуда, дар раванди таълим ҷорӣ карда мешаванд. | Муовини ректор оид ба таълим ва идораи сифати таҳсилот – муовини якум, муовини ректор оид ба татбиқи стратегияҳо ва рушди технологияҳои инноватсионӣ | Шумора | 3 | 4 | 10 | 15 | 20 |
| 13. | Таҳияи барномаҳои таълимии иловагӣ, ки бо корфармоён мувофиқа карда шудааст. | Муовини ректор оид ба таълим ва идораи сифати таҳсилот – муовини якум, муовини ректор оид ба татбиқи стратегияҳо ва рушди технологияҳои инноватсионӣ | Шумора | 2 | 3 | 5 | 8 | 10 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 14. | Ташкил ва гузаронидани вохӯрии (мизи мудаввар, семинар-тренинг) донишҷӯён ва хатмкунандагон бо корфармоён | Муовини ректор оид ба татбиқи стратегияҳо ва рушди технологияҳои инноватсионӣ | Шумора | 24 | 30 | 35 | 40 | 50 |
| 15. | Ҳиссаи хатмкунандагоне, ки дар соли якуми баъд аз хатм аз рӯи ихтисоси худ ба кор қабул карда шудаанд. | Муовини ректор оид ба татбиқи стратегияҳо ва рушди технологияҳои инноватсионӣ | % | 73 | 82,4 | 85 | 87 | 90 |
| 16. | Шумораи барномаҳои таълимӣ, ки дар раванди таълим бо забони хориҷӣ (англисӣ) амалӣ карда мешаванд | Шуъбаи таълим | Шумора | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| 17. | Шумораи ҷой-катҳое, ки барои зисти донишҷӯёни беруншаҳри ташкил карда шудааст | Идораи хоҷагидорӣ | Шумора | 36 | 36 | 45 | 45 | 50 |
| 18. | Ҳиссаи ҳайати профес-сорону омӯзгорони дорои унвонҳои илмӣ дошта | Шуъбаи кадрҳо | % | 62,5 | 65,0 | 67,0 | 70 | 75 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 19. | Гузаштани профессорону омӯзгорон аз курсҳои такмили ихтисос | Муовини ректор оид ба таълим ва идораи сифати таҳсилот– муовини якум | Шумора | 55 | 60 | 65 | 70 | 75 |
| 20. | Ҳиссаи ҳайати омӯзгороне, ки курсҳои забони англисиро дар сатҳи мувофиқ ба стандарти аврупоӣ хатм кардаанд | Муовини ректор оид ба таълим ва идораи сифати таҳсилот– муовини якум | % | 5 | 10 | 15 | 20 | 25 |
| 21. | Шумораи профессорону омӯзгороне, ки курси такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзиро дар хориҷӣ кишвар гузаштаанд | Муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ | Шумора | 5 | 9 | 15 | 20 | 25 |
| 22. | Шумораи олимони аз хориҷи кишвар даъватшуда барои гузаронидани курсҳои бозомӯзии касбӣ ва мубодилаи академӣ | Муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ | Шумора | 5 | 6 | 10 | 12 | 15 |
| 23. | Иштироки омӯзгорон дар мубодилаи академӣ | Муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ | Шумора | 4 | 2 | 5 | 7 | 10 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 24. | Ғани гардонидани фонди китобхонаи илмӣ бо китобҳои электронии дарсӣ, ки дар портали ДТТ ҷойгир карда шудаанд | Муовини ректор оид ба илм ва татбиқот, китобхонаи илмӣ | Шумора | 41083 | 43000 | 45000 | 47000 | 50000 |
| 25. | Таҳия ва нашри китобҳои дарсии электронӣ аз ҷониби омӯзгорон | Муовини ректор оид ба таълим ва идораи сифати таҳсилот – муовини якум | Шумора | 2 | 3 | 6 | 8 | 10 |
| 26. | Таҳия ва баровардани видеолексияҳо, дарсҳои маҳорат аз ҷониби ҳайати профессорону омӯзгорон | Муовини ректор оид ба таълим ва идораи сифати таҳсилот – муовини якум, Муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ ва идеологӣ | Шумора | 2 | 3 | 5 | 7 | 10 |

| **Ҳадафи 2:** Афзондани саҳми илми ДТТ дар диверсификатсияи иқтисодиёт ва рушди устувори кишвар | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 27. | Инкишофи инфрасохтори илм. Дар назди технопарк ташкил намудани сектори илмӣ-тадқиқотӣ, озмоишгоҳҳо, бюроҳои технологӣ-конструкторӣ | Муовини ректор оид ба илм ва татбиқот | Шумора | 1 | 1 | 2 | 2 | 2 |
| 28. | Ҳиссаи ҳайати профессорону омӯзгорон ва кормандони Донишгоҳ, ки дар таҳияи лоиҳаҳои илмӣ | Муовини ректор оид ба илм ва татбиқот | % | 10 | 13 | 15 | 20 | 25 |
| 29. | Шумораи лоиҳаҳои тадқиқотӣ, ки аз ҷониби манбаъҳои беруна маблағгузорӣ карда мешаванд | Муовини ректор оид ба илм ва татбиқот | Шумора | 2 | 4 | 5 | 7 | 10 |
| 30. | Иштирок дар корҳои илмӣ-тадқиқотии байналмилалӣ | Муовини ректор оид ба илм ва татбиқот | Шумора | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 31. | Корҳои илмӣ-тадқитқотие, ки бо фармоиши давлатӣ ва субектҳои хоҷагидорӣ амалӣ карда мешаванд | Муовини ректор оид ба илм ва татбиқот | Шумора | 3 | 3 | 3 | 3 | 5 |
| 32. | Шумораи натиҷаҳои тиҷоратикунонидашудаи лоиҳаҳои тадқиқотии Донишгоҳ | Муовини ректор оид ба илм ва татбиқот | Шумора | 5 | 6 | 7 | 9 | 10 |
| 33. | Патентҳои инноватсионӣ, ҳуқуқи муаллифии ба қайд гирифташуда. | Муовини ректор оид ба илм ва татбиқот | Шумора | 6 | 6 | 8 | 9 | 12 |
| 34. | Гирифтани иҷозатнома барои ихтисосҳои ояндадори магистратура ва докторантура. | Муовини ректор оид ба таълим ва идораи сифати таҳсилот – муовини якум, муовини ректор оид ба илм ва татбиқот | Шумора | 2 | 2 | 1 | 1 | 1 |
| 35. | Созишномаҳои ҳамкорӣ бо муассиса ва ташкилотҳои соҳаи маориф ва илми кишварҳои хориҷӣ | Муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ | Шумора | 70 | 82 | 100 | 105 | 110 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 36. | Шумораи лоиҳаҳои байналмилалӣ ва грантҳои сармоягузорӣ | Муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ | Шумора | 9 | 11 | 13 | 15 | 15 |
| 37. | Дар доираи консорсиумҳо гузаронидани корҳои илмӣ бо шарикони хориҷӣ | Муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ, муовини ректор оид ба илм ва татбиқот | Шумора | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| 38. | Миқдори корҳои нашргардида дар маҷаллаҳои байналмилалӣ, ки ба пойгоҳи додаҳои илмии байналмилалӣ дохил карда шудаанд | Муовини ректор оид ба илм ва татбиқот | Шумора | 5 | 7 | 10 | 12 | 15 |
| 39. | Ҳиссаи донишҷӯёне, ки дар иҷро намудани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ иштирок мекунанд | Муовини ректор оид ба илм ва татбиқот | % | 21 | 22 | 24 | 25 | 25 |

| Самти стратегӣ: Ташаккули шахсияти мутаносибан инкишофёфтаи бисёрфарҳанга | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ҳадафи 3:** Такмили тарбияи маънавию ахлоқӣ, эстетикӣ ва меҳнатӣ | | | | | | | | |
| 40. | Чорабиниҳои ҷамъиятию сиёсӣ, илмӣ ва мадании идораи корҳои тарбиявӣ ва идеологӣ. | Муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ ва идеологӣ | Шумора | 65 | 70 | 75 | 80 | 85 |
| 41. | Гузаронидани чорабиниҳо оид ба ташаккули мавқеи шаҳрвандии фаъол дар байни ҷавонон, масъулияти иҷтимоӣ, ҳисси ватандӯстӣ, сифатҳои баланди ахлоқӣ ва сарварӣ | Муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ ва идеологӣ | Шумора | 160 | 165 | 170 | 180 | 185 |
| 42. | Татбиқи лоиҳаҳои аҳамияти иҷтимоидошта барои ҷавонон | Муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ ва идеологӣ | Шумора | 2 | 3 | 3 | 4 | 5 |
| 43. | Таъмин намудани фаъолияти ҳаракати экологӣ-волонтёрӣ | Муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ ва идеологӣ | Шумора | 12 | 13 | 15 | 17 | 19 |
| 44. | Ба сексияҳои варзишии Донишгоҳ ҷалб намудани донишҷӯён | Муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ ва идеологӣ | Шумора | 460 | 490 | 530 | 590 | 650 |